آوازتاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

10 октябри соли 2020. Шанбе

№ 73 (14672)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

## СОХТОРИ НАВИ КОРӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН ВА ҶАВОНОН МУАЙЯН ГАРДИД

**8 октябр таҳти раисии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев доир ба муҳокимаи чораҳои баланд бардоштани нақши бонувону ҷавонон дар ҷамъият ва таъмини онҳо бо шуғл ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.**

Занону духтарон ва ҷавонон – қисми калони аҳолӣ, аксарияти масъалаҳои иҷтимоӣ низ ба онҳо вобаста.

Солҳои охир бино ба ҳамин самт дар Ӯзбекистон сохтори вертикалие офарида шуд, ки сиёсати давлатиро то дараҷаи маҳалла пеш мебарад. Оиди масъалаҳои ҷавонон дар ҳар ноҳия алоҳида ҷонишини ҳоким, то 3 нафар мутахассиси он, 3 нафар ходими шуъбаи Агентии корҳои ҷавонон, дар вилоят низ ҷонишини ҳоким, 4 мутахассиси он, 11 нафар ходими идораи Агентии корҳои ҷавонон ҷудо карда шуд.

Оиди масъалаҳои занону духтарон дар ҳар як маҳалла алоҳида ҷонишини раис, дар ноҳия – ҷонишини сардори шӯъбаи маҳалла ва оила ва 2 нафар мутахассиси он, дар вилоят бошад то 8 нафар воҳиди штатӣ дода шуд.

Ғайр аз ин, барои ҳалли масъалаҳои ҷавонон Қабулхонаҳои халқи Президент, ба ҳалли масъалаҳои занону духтарон бошад, иттиҳодияҳои касабавӣ вобаста гардиданд.

Лекин дар ҷойҳо ташкил нашудани ин идораҳо ва самаранок кори худро пеш набурдани чаҳор сектор пинҳон нест.

Аз ин боис дар ҷамъомади видеоселекторӣ оиди масъалаҳои занону духтарон ва ҷавонон ҷорӣ карда шудани сохтори нав таъкид ёфт.

Маълум, ки бо мақсади дастгирии иҷтимоии аҳолӣ рӯйихати оилаҳои ба ёрдам ва кӯмаки моддӣ муҳтоҷ, яъне «дафтари оҳанин» ташкил карда шуда буд. Мисли ҳамин дар доираи ҳар маҳалла, ноҳия, шаҳр ва вилоят «дафтари ҷавонон» ва «дафтари бонувон» ташкил меёбад. Ин рӯйихатҳо аз «дафтари оҳанин» алоҳида мешаванд. Ба он ҷавонон ва занону духтарони бекор, ки ба дастгирии иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, психологӣ эҳтиёҷманд буда, ба дониш ва касбомӯзӣ иштиёқ доранд, дохил карда мешаванд. Дар натиҷаи ҳамин бо онҳо корҳои муттасил ва манзилнок ба роҳ гузошта мешавад.

Дар ҷамъомад сохтори кор бо ҷавонон ва занону духтарон дар мисоли ноҳияи Хатирчӣ ва шаҳри Янгиер муҳокима гардид.

Ба мутасаддиён вазифаи кор карда баровардани шакли намунавии ин сохтор, дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, шаҳри Тошканд ва яктоӣ дар ҳар шаҳр ва навоҳии ҳар як вилоят, яъне дар 28 ҳудуд аз санҷиш гузаронидани он гузошта шуд.

Ба роҳбарони сектор ва вакилони идораҳои мутасаддӣ аз рӯйи омӯзиши ҳолати ҳар як маҳалла, таҳти мулоқоти ҷудогона бо ҷавонону бонувон аниқсозии эҳтиёҷу таваҷҷуҳи онон, дар ҳамин асос андешидани чораҳои манзилнок супоришҳо дода шуданд.

– Баъд аз ин ба хонаи одамон рафта, сохтори бо кор таъминсозии шахсони ба шуғл муҳтоҷро ба вуҷуд оварданамон даркор. Акнун дар кадом ҷое, ки роҳбар хона ба хона гашта, масъалаҳоро ҳал кунад, дар ҳамон ҷо вазъият тағйир меёбад. Мақсади аз ҳама асосӣ – ба натиҷадории барқарории иқтисодӣ гузаштан, – гуфт Президент.

Дар ҷавонон ва занону духтарон муҳимияти бедорсозии мотиватсия, ташаккул додани малакаҳои касбӣ, расонидани кӯмаки психологӣ, ҳуқуқӣ, тиббию молиявӣ таъкид ёфт.

Масалан, тавассути хидмати психологии оилавӣ ва шуъбаи адлияи ноҳия маслиҳатҳои ҳуқуқиро бепул ташкил кардан мумкин. Бо занону куҳансол лозим будани корбарии ҳамшираҳои патронажӣ, шуъбаҳои ҷавонон, маҳалла ва оила қайд карда шуд.

Гуфта шуд, ки таъмини ҷавонон ва занон ба кор муҳимтарин вазифаи ҷонишини ҳоким оиди инвеститсия, шуъбаи шуғли ноҳия ва шаҳр, Маркази дастгирии соҳибкорон, Қабулхонаҳои Сарвазир ва бонкҳо қарор гирифтаназ лозим.

Бо шахсони машҳур, ки бо меҳнат ва иродати хеш комёбиҳои калон ба даст овардаанд, вохӯриҳо ташкил карда, ба ҷавонон ва занону духтарон мотиватсияи пурзӯр додан, омода ва пахнсозии маводҳои аудио ва видеоии забони хориҷӣ, касбу ҳунар ва тиҷорат омӯзонанда низ самараи хуб мебахшад.

Дар ҷамъомад муҳимии васеъ дастгирисозии таҷрибаи «шартномаи иҷтимоӣ» гуфта шуд. Дар он, аввало, барои касб омӯхтан, ба кор ҷойгир шудан, худбандкунии шаҳрванд аз ҷониби давлат кӯмаки моддию иҷтимоӣ расонда мешавад.

Дар кор бо «дафтар»-ҳо лозим будани истифодаи самаранок аз имкониятҳои созмонҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ қайд карда шуд. Муҳим будани ҳамкории васеъ бо онҳо, мосшавии иҷтимоии ҷазоро гузашта баргаштагон, дастгирии психологии ҷавонону бонувон, омӯзондани забонҳои хориҷӣ ва касбу ҳунар ба онҳо гуфта шуд.

Ба ин корҳо «Институти илмӣ-тадқиқотии «Маҳалла ва оила», салоҳияти Институти омӯзиши мушкилоти ҷавонон ва омодасозии кадрҳои истиқболнок сафарбар карда мешавад. Ғайр аз ин барои ба амал баровардани барномаҳои маҷмӯӣ иборат аз омӯзондани аҳолӣ ба соҳибкорӣ ва расонидани хидматҳои микромолиявӣ ба созмонҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ бо ставкаи 4 фоизаи солона маблағҳои қарзӣ ҷудо карда мешавад.

Дар ҷамъомад баҳри ба амал баровардани чорабиниҳо масъалаи бо манбаъҳои молиявии барқарор таъминсозии онҳо низ дида баромада шуд.

Ба масъалаи таъмини ҷавонон ва занон ба шуғл эътибори алоҳида нигаронида шуд.

Дар натиҷаи омӯзишҳо маълум гашт, ки 55 фоизи занону духтарони эҳтиёҷманд маълумоти миёна доранд. Аксарияти ҷавонони бекор низ соҳиби дониш ва ҳунар нестанд.

– Дар бозори меҳнат сохтори омодасозии ҷавонон ва занону духтарон ба касбу ҳунарҳои серталаброро ба роҳ гузорем, ба кори муносиб ёфтани онҳо кӯмак кунем, мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ҳал мешаванд. Барои ин нафақат муассисаҳои таълимии давлатӣ, балки ҳазорон марказҳои таълими касбу ҳунари ғайридавлатиро низ ҷалб кардан зарур, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Тавре қайд карда шуд, дар ин бобат сохтори куллан нав ҷорӣ шуда, тавассути марказҳои таълимии касбу ҳунари ғайридавлатӣ, барои ташаккули малакаҳои касбии ҷавонон ва бонувон, дастгирии молиявии онҳо аз Бунёди барқарорӣ ва тараққиёт ба миқдори 100 миллион доллар маблағ сафарбар карда мешавад. Аз он 10 миллионаш ба касбу ҳунаромӯзии ҷавонон ва занону духтарон, 90 миллион бошад чун воми имтиёзнок ба курсҳои таълимиро хатм карда, соҳиби сертификат шудагон сарф карда мешавад. Тавассути «шартномаи иҷтимоӣ» барои харҷи таълими ҷавонон ва бонувони курсҳои таълимии касбу ҳунари ғайридавлатиро тамомкунанда, то 1 миллион сӯм субсид дода мешавад.

Боз як масъала – классификатори касб ва лавозимҳо ба талаботи замон ва бозори меҳнат ҷавоб намедиҳад. Мисолан, дар он 2 ҳазору 484-то, яъне 70 фоиз ходим бояд соҳиби маълумоти олӣ бошад. Хусусан, аз мутахассисоне, ки бо базаи маълумотҳо кор мекунанд, веб-дизайнерон малакаи олӣ талаб карда мешавад. Ин гуна касбҳоро дар марказҳои IT тӯли ним сол омӯхтан мумкин.

Ба китобдор, тарҷумон, агенти бонк, мутахассиси реклама барин вазифаҳои зиёд низ талаби маълумоти олӣ гузошта шудааст. Дар бозори меҳнат оиди ин касбҳо наздик 4 ҳазор вакансия мавҷуд.

Дар назди Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ дар классификатори касб ва лавозимҳо вазифаи ихтисор кардани мутахассису лавозимҳое гузошта шуд, ки маълумоти олӣ талаб мекунанд.

Масъулияти ҷонишинҳои ҳокимон оиди масъалаҳои иҷтимоӣ ба «дафтари ҷавонон», ҷонишинҳо оиди масъалаҳои оила ва маҳалла ба «дафтари бонувон» муайян карда шуд.

Дар ҷамъомади видеоселекторӣ ахбори ҷонишинҳои Сарвазир, вазирон ва ҳокимон шунида шуд.

**ӮзА.**

## Суҳбати телефонии Президентони Ӯзбекистон ва Туркманистон

***8-уми октябр Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов суҳбати телефонӣ анҷом дод.***

Сарони ду давлат дар рафти суҳбат рӯзномаи вазифаҳои муҳими дуҷонибаро дақиқ муҳокима карданд, ҳамчунин, доир ба масъалаҳои сиёсати байналхалқӣ ва ҳамкории минтақавӣ табодули афкор намуданд.

Қайд гардид, идома додани муколамаи фаъоле, ки ба таҳкими минбаъдаи риштаҳои дӯстию бародарии чандинасраи халқҳои ӯзбеку туркман, муносибати некҳамсоягӣ ва ҳамкории стратегӣ нигаронида шудаанд, басе муҳим аст.

Ба зарурати пеш бурдани лоиҳаҳои ҳамкории амалӣ, қабл аз ҳама, дар соҳаи савдо, кооператсияи саноатӣ, энергетика, транзит, хоҷагии деҳот ва дигар соҳаҳои калидӣ, ба мақсади пурсамар муқовимат нишон додан ба оқибатҳои паҳншавии бемории коронавирус, рӯйи эътибор гардонда шуд.

Дар ин қарина натиҷаи пурсамари машваратҳои сиёсие, ки моҳи гузашта сарони идораҳои сиёсии ду давлат баргузор намуданд, баланд арзёбӣ гардид.

Дар рафти суҳбат Президентҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон рафти иҷрои қарору шартномаҳоеро, ки дар натиҷаи Вохӯрии машваратии навбатии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ моҳи ноябри соли сипаригардида дар Тошканд ба тасвиб расида буданд, муҳокима намуданд.

Бо мамнуният қайд гардид, ки муколамаи пурсамар дар доираи ин формати муҳим, ба ҳукми анъана медарояд.

Ба сифати самтҳои устувори ҳамкории бисёрҷанбаи минтақа соҳаҳои бехатарӣ, иқтисодиёт, инноватсияҳо, нақлиёт, илм, таълим, сайёҳӣ ба забон гирифта шуданд.

Сарони давлат ба ривоҷи воқеаҳои Ҷумҳурии Қирғизистон таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намуданд. Қайд гардид, ки вазъияти ин мамлакат бояд тибқи Конститутсияи Қирғизистон зуд барқарор карда шавад.

Нақшаи чорабиниҳои дар сатҳи олии оянда таҷдиди назар шуданд.

Суҳбат чун ҳамеша самимӣ, конструктивӣ ва дӯстона сурат гирифт.

**ӮзА.**

## Изҳороти якҷояи сарони давлатҳои Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи воқеаҳо дар Ҷумҳурии Қирғизистон

Воқеаҳо дар Қирғизистони бародарӣ боиси нигаронии ҷиддии мо мегарданд.

Мо чун ҳамсояҳои наздик, ки риштаҳои дӯстии қадима, некҳамсоягӣ, арзишҳои умумии маданӣ ва маънавиамон ба ҳам пайваст аст, мардуми Қирғизистонро дар ин рӯзҳои мураккаб барои зоҳир намудани оқилии ба худ хос, ба хотири нигоҳ доштани сулҳ ва барқарор намудани суботнокӣ дар мамлакат, даъват менамоем.

Изҳори умед мекунем, ки ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва доираҳои ҷамъиятии Қирғизистон барои таъмини сулҳ ва осоиштагӣ, ҳалли масъалаҳои бавуҷудомада ба василаи риояи ҳатмии Конститутсия ва қонунгузории миллӣ кӯшишҳои ногузирро ба кор мебаранд. Фароҳмандии Қирғизистон барои бехатарӣ ва рушди барқарори тамоми Осиёи Марказӣ омили муҳим ба шумор меравад.

Мамлакатҳои мо гузаштаи ягона дорад ваояндаи умумиро месозад. Мардумони Осиёи Марказӣ таърихан бо кӯшишашон барои сулҳ, мусолиҳа ва созандагии мустаҳкам ба хотири наслҳои оянда муттаҳид ҳастанд.

Аз мақсадҳои умумӣ пайгирӣ намуда, давлатҳои мо ҳамкории минтақавиро дар заминаи вусъат додани ҳамкориҳо дар бобати алоқаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ, нақлиёту коммуникатсия ва маданиву гуманитарӣ, наздисарҳадӣ ва байниминтақавӣ фаъолона мустаҳкам менамоянд.

Бо роҳи минбаъд мустаҳкам намудани ҳамбастагии Осиёи Марказӣ пеш рафта, мо ҳамеша халқи Қирғизистонро дар кӯшишаш ба ягонагӣ, сулҳ, тараққиёти мустақил ва шукуфоӣ дастгирӣ менамоем.

*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Музработ сифатли тош», ки дар маҳаллаи «Халқ йўли»-и ноҳияи Музработ воқеъ аст, моҳи июли соли равон ба кор шурӯъ карда буд. Дар корхонаи мазкур, ки иқтидори истеҳсолии солонааш 120 ҳазор мукааб маҳсулот мебошад, 30 нафар бо шуғл фаро гирифта шуданд. Асбобу анҷомҳое, ки қимати умумиашон як миллион доллари ИМА мебошад, аз Хитой оварда шуданд. Корхона ба истеҳсоли маҳсулоти сохтмон, аз қабили сангреза, рег, шағал ихтисосонида шудааст. Маҳсулот ба бозори дохилӣ бароварда мешавад.*
***Дар акс:*** *дар корхонаи мазкур.*

***Аксбардор: Ҷ.ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).***



## БАҲОИ ШОФИРКОН ВА ҶОНДОР: «ҒАЙРИҚАНОАТБАХШ»

***Маълум аст, ки 24 сентябри соли ҷорӣ таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш.Мирзиёев бобати муҳокимаи чораю тадбирҳои иловагӣ оиди рушди соҳибкорӣ дар ҳудудҳо ҷамъомади видеоселекторӣ ба амал омад. Мувофиқи қарори сарвари давлат аз 1 майи соли 2020 низоми баҳодиҳии рейтингӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо ҷорӣ гардида буд. Бинобар ин, бори аввал натиҷаҳои иқтисодии ноҳия ва шаҳрҳо, муҳити дастгирии соҳибкорӣ, дараҷаи истифодабарӣ аз инфрасохтор ва захираҳои мавҷуда омӯхта шуд.***

Мувофиқи таҳлилҳо ҳолати пешравии соҳибкорӣ дар ҳудудҳо ба «хуб», «миёна» ва «ғайриқаноатбахш» ҷудо карда шуданд. Дар ҷумҳурӣ ҷамъ 33 ҳудуд, аз ҷумла дар вилояти Бухоро ду ҳудуд: ноҳияҳои Шофиркон ва Ҷондор баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтанд. Ба қарибӣ дар сессияи шонздаҳуми Шӯрои намояндагони халқи ноҳияи Шофиркон масъалаи «Муроҷиати роҳбарони секторҳои ноҳияи Шофиркон ба аҳолӣ бинобар камбудиҳои роҳдодаашон бобати баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтани ноҳия дар рейтинги дараҷаи рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудуд, инчунин дар бораи тақдимоти «харитаи роҳ» оиди вазифаҳои бартарафсозии камбудиҳои ҷойдошта» мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар кори он депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, намояндагони халқи Шӯрои вилоят, ки аз ҳудуди ноҳия интихоб шудаанд, вакилони халқи Шӯрои намояндагони халқи ноҳия, ҷонишинони ҳокимони вилояту ноҳия, роҳбарони идораҳои вилоятию ноҳиявӣ, мутасаддиёни соҳа, намояндагони ВАО ва ғайра иштирок карданд. Аз рӯйи масъала ҳокими ноҳия Шукрулло Ҳакимов маърӯза кард. Бояд таъкид намуд, ки вай аз моҳи феврали соли ҷорӣ ин ҷониб ҳамчун сарвари ноҳия фаъолият нишон медиҳад. Ӯ дар бораи сабабҳои объективию субъективии баҳои паст гирифтани рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия таваққуф карда, дар бораи роҳҳо ва имкониятҳои бартарафсозии камбудиҳои ҷойдошта изҳори ақида намуд. Гуфтан ҷоиз аст, ки имрӯз дар ноҳия қариб 180 ҳазор нафар аҳолӣ умр ба сар мебарад. 664-то корхона, 150 хоҷагии фермерӣ ба қайд гирифта шудаанд. Бо сабабҳои гуногун қариб нисфи субъектҳои соҳибкорӣ фаъолият нишон намедиҳанд. Даромад ба ҳисоби миёна ба сари аҳолӣ кам аст. Ноҳия аз роҳи оҳан, дигар имкониятҳои логистикӣ дур воқеъ гаштааст. 14 ҳазор нафар сокинони ноҳия барои кор ба хориҷа рафтаанд. Дар ноҳия 17 ҳазор гектар киштзор бошад ҳам онҳое, ки расман дар ин майдонҳо кор мекунанд, камшуморанд. Бобати ба сари кас тақсим кардани моли истеъмолӣ ноҳия дар вилоят дар ҷойи аз ҳама охир аст. Мутаассифона, дар ҳудуд на ҳамаи онҳое, ки машғули коранд, ба қайд гирифта шудаанд. Ноҳияи Шофиркон аксарияти объектҳои бинокории шаҳру ноҳияҳои вилоятро бо шағал таъмин месозад, вале аз 20 нуқтаи шағалборкунии ноҳия фақат 5-тоаш литсензия дорад. Роҳбари ноҳия таъкид намуд, ки баҳри ислоҳсозии чунин ҳолатҳо чораҳои зарурӣ дида мешавад. Ӯ инчунин бобати ҳамкориҳо бо корхонаи кластерии «Зарҳалтекс», ҶММ «Шоҳруд» ва ғайра ҳарф зада, ҳозиронро бовар кунонд, ки ноҳия то охири сол ба дараҷаи «миёна» расида, соли 2021 аз қатори беҳтаринҳо ҷо мегирад. Дар ҷамъомад ҳоким ва роҳбарони секторҳо аз мардуми ноҳия бинобар камбудии роҳдодашуда бахшиш пурсиданд. Онҳо ба саволҳои зиёди иштироккунандагони сессия ҷавоб гардонданд. Дар охир доир ба масъалаи муҳокимагардида қарори дахлдор қабул карда шуд.

**А.АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Муносибат*

## ЭЪТИБОР БА НАШРИЯҲОИ ЧОПӢ ПУРЗӮР МЕГАРДАД

***Дар арафаи Рӯзи муаллим ва мураббиён барои шунидани табрики Президент Шавкат Мирзиёев тавассути видеоанҷуман дар толори муҳташами ҳокимият муаллиму мураббиёни пешқадам, мудирону роҳбарони таълимгоҳу кӯдакистонҳои ноҳияи Самарқанд ҷамъ омада буданд. Вақте ки сарвари давлат дар нутқи худ доир ба зарурати мутолиаи рӯзномаву маҷаллаҳо ҳарф зад, якбора мавҷи кафкӯбии ҳозирон танинандоз гашт. Ин бесабаб набуд. Зеро сарвари давлат дуруст таъкид кард, ки аксарияти омӯзгорон «обуна ихтиёрӣ, маҷбурӣ не» гуфта аз нашрияҳои даврӣ дур шуданд ва ҳамзамон аз мутолиа монданд. Охир ҳар шахсе, ки матбуоти даврӣро мехонад, вай соҳиби завқи солиму ҷаҳонбинӣ ва тафаккури васеъ мешавад.***

Воқеан, рӯзнома – минбари озод, оинаи таърих ва тарғибгари арзишҳо. Ба қавли Устод Айнӣ «қавме, ки рӯзнома надорад, оянда надорад». Вазифаи иҷтимоии воситаҳои ахбори оммавӣ тасвир, таҳлил аст. Дар Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис зикр гашт, ки кормандони матбуот ҳаёти иҷтимоиро боз ҳам васеъ, дақиқ, холис ва тезкор инъикос намуданашон лозим аст.

Баҳодури Раҳмон пас аз муҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд» таъин гардидан ба иқдоми нек даст зад. Вай аз ҳисоби шоиру нависандагон, санъаткорону хабарнигорон ва масъулони обуна гурӯҳи эҷодӣ ташкил карда, анъанаи вохӯрӣ бо муштариёнро ба роҳ монд. Камина низ дар чанд мулоқоти рӯ ба рӯ ширкат варзидам.

Сарвари мактаби таълими умумии рақами 30-юми деҳаи Оҳалики ноҳияи Самарқанд Исмоили Ҷабборӣ фикри аҷиброе гуфт: «Дар Самарқанд аз азал мутолиаи рӯзнома яке аз нишонаҳои маърифатдӯстӣ мебошад. Ин ҳол то ҳозир идома меёбад. Аммо паҳн кардани матбуоти даврӣ мушкили ҳама шудааст. Як замон хаткашонҳо рӯзномаву маҷаллаҳоро хона ба хона тақсим мекарданд. Афсӯс, ки ҳозир шуъбаҳои почта ихтисор шуда, обуначиён матбуоти давриро сари вақт гирифта наметавонанд. Боз «болои сӯхта намакоб», пулашро дода, рӯзнома нагирифтани баъзеҳо аламовар аст».

– Ана барои ҳамин, – шарҳ дод сармуҳаррир Б.Раҳмон, – мо обунаро тавассути идораи рӯзнома ташкил кардем. Мухлисон дастҷамъона обуна шаванд, ходимони мо рӯзномаро мунтазам ва саривақтӣ мерасонанд.

– Як ҳақиқатро тан гирифтан лозим, – риштаи суханро ба даст гирифт сардабири рӯзномаи «Субҳи Гулобод»-и ноҳияи Самарқанд Нормурод Каримзода, – ҳоло аксарияти одамон маълумоти сатҳӣ ва дурӯғи сайтҳои интернетро аз мутолиаи рӯзномаҳо афзал медонанд. Агар шумо рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд», «Субҳи Гулобод»-ро ба даст гиред, албатта мавзӯъҳои ба дил наздикро пайдо мекунед. Дар онҳо оиди таърих, маданият, санъат, адабиёт ва навидҳои ноҳия, вилояту ҷумҳурӣ ва дунё маводи шавқангез чоп мешаванд. Аз ҳама муҳимаш, нутқу фармонҳои Президент ва шарҳи онҳо ба забони модарии мо интишор меёбанд. Баъзе шахсон гилаомез иброз доранд, ки забони рӯзномаҳо душворфаҳм аст. Не, дӯстон! Моён аз забони модарӣ фарсаххо дур шудем. Сабаб – кам варақ задани китобу рӯзномаҳо аст!

Мудири шуъбаи таълими халқи ноҳияи Самарқанд Баҳриддин Мардонов низ аз табрикоти Президент рӯҳбаланд гардида ваъда дод, ки имсол аз ҳар як мактаб 10-15 нафарӣ ба «Овози тоҷик» обуна мешаванд.

Рости гап, ба куҷо наравем, ҳар як шахсро машғули «телефонбозӣ» мебинем. Фарди худшиносу худогоҳ вақти қимати худро ба хондани хабарҳои пучу бемаънии интернет сарф намекунад. Ва таъкид кардан ҷоиз аст, ки танҳо аз китобу рӯзномаҳои хондан ибоб ғизои маънавӣ, донишу хирад гирифтан мумкин аст. Дар ҷамъомади видеоселекторӣ сарвари кишвар таъкид кард, ки бе маърифату хирад ягон давлату мамлакат тараққӣ намекунад. Бинобар ҳамин, дилсӯзона зикр намуд, ки барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия аҳамияти мутолиаи рӯзномаву маҷаллаҳо калон аст. Ба фикри мо, аз устодону мураббиён ва падару модарон талаб кардан ҷоиз аст, ки онҳо ба нашрияҳои дилхоҳ обуна шаванд, нуран аъло нур мебуд.

Як нуктаро набояд фаромӯш созем, ки иқтисодиёти қафомондаро дар муддати кӯтоҳ пеш бурдан метавон, вале маърифати қафомондаро мукаммалу беҳтар намудан кори басо сангин аст.

Дар шароити ислоҳоти васеъмиқёс қадру қимати ахбори солим, шаффоф меафзояд. Ахбор мисли хӯрок ба мардум аз ҳарвақта бештар зарур аст. Ҳар як хонадон аз имкониятҳои хуби маводи иттилоотӣ баҳраманд шавад, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Умед аст, ки имсол маъракаи обуна муташаккилона ба вуқӯъ пайваста, ҳар як оила аз матбуот баҳраманд мешавад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# КОНСЕПСИЯИ РУШДИ СОХТОРИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ ТО СОЛИ 2030 – ДАР АМАЛ

***Агар гӯем, ки ислоҳи соҳаи таълим яке аз соҳаҳои долузарб дар маркази эътибори ҳукуматамон аст, муболиға намешавад. Солҳои охир қонун ва қарорҳо, ки ба ислоҳу рушди сохтори таълими томактабӣ нигаронида шудаанд, қабул ва ба амал татбиқ карда мешаванд.***

Бо мақсади кор карда баровардан ва ба амал татбиқ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таълими томактабӣ ва давра ба давра фарогирии кӯдакон ба таълими томактабӣ таҳти фармони Президент аз 30 сентябри соли 2017 «Дар бораи чораҳои куллан такмилдиҳии сохтори таълими томактабӣ Вазорати таълими томактабӣ ташкил карда шуд.

Имрӯзҳо дар Ўзбекистон бештар аз 14 ҳазор ташкилоти таълими томактабӣ фаъолият мебаранд. Соли 2019 52 фоизи кӯдакон ба сохтори Вазорати таълими томактабӣ фаро гирифта шуданд. Соли 2020 интизор меравад нишондиҳанда ба 59,5 фоиз расад. Айни замон ба таълими яксолаи ҳатмӣ ҷалбсозии 85,2 фоиз кӯдакони шашсола ба нақша даровара шудааст.

Маълум, ки пеш аз ташкилёбии Вазорати таълими томактабӣ дар сохтор барномаҳои замонавӣ ҷорӣ нашуда, оиди омодасозии кӯдакон ба мактаб моделҳои москунандаи муқобил ба дараҷаи кофӣ ривоҷ дода нашуда буданд. Мисли кишварҳои мутараққӣ, барномаҳои таълимии давлатии махсус, ки ба рушди иҷтимоӣ, шахсӣ, ҳиссӣ, нутқӣ, математикӣ, ҷисмонӣ ва эҷодии бачаҳо, ба муҳити гирду атроф шиносонидани онҳо нигаронида шудаанд, татбиқ намешуданд. Аксарияти кадрҳои педагогӣ, ки дар муассисаҳои таълими томактабӣ фаъолият мебурданд, соҳиби маълумоти миёнаи махсус буда, ин имкон намедод бачаҳо ба мактаб ба дараҷаи талабот омода карда шаванд.

Дар мисоли қарори Президент аз 8 майи соли 2019 «Дар бораи тасдиқ намудани Консепсияи рушди сохтори таълими томактабии Ҷумҳурии Ўзбекистон то соли 2030» дида бароем, консепсияи мазкур боз ҳам такмил додани таълими томактабӣ, таъмини баробар истифодабарии бачаҳо аз таълими сифатнок, рушди хидматҳои таълими томактабӣ, бо як сухан ифода намоем, вазифаҳои мақсадноки сохтори таълимии томактабиро фаро гирифта, устуворӣ ва давраҳои ҷараёнро муайян менамояд.

Баъди тасдиқ ёфтани Консепсия байни бештар аз як сол дар сохтори таълими томактабӣ Қонуни нав қабул карда шуд. Лоиҳаҳои нав, ислоҳот давра ба давра амалӣ мегарданд. Хусусан, дар соли 2019 Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи таълим ва тарбияи томактабӣ» қабул карда шуд.

Дар қонуни мазкур тамоюлҳои асосии таълиму тарбия, самтҳои сиёсати давлатӣ дар ин соҳа, ҳамчунин, ваколатҳои Девони Вазирон, Вазорати таълими томактабӣ, Вазорати тандурустӣ, мақомоти идоракунии давлатию хоҷагӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ, ки ба таълими томактабӣ алоқа доранд, муайян карда шудааст.

Дар Консепсияи зикршуда то соли 2030 ба таълими томактабӣ фаро гирифта шудани 80 фоизи бачаҳои 3-7-сола ба нақша даромадааст. Хусусан, дар соли 2020 барпои биноҳои нави ташкилотҳои таълими томактабӣ, реконструксияи биноҳои мавҷуда, ҷорӣ намудани шаклҳои муқобили таълими томактабӣ барин чорабиниҳо ба амал бароварда шуда истодаанд. Мувофиқи барномаҳои соли 2020 сохта ва ба истифода супурда шудани 18 объект, ба истифодасупории 129 иншооти холӣ, таъмири 261 ташкилоти таълими томактабӣ ба нақша даромадааст.

Дар таълими томактабӣ ба рағбатноксозии сектори хусусӣ эътибори алоҳида нигаронида мешавад. Ҳамин тариқ, дар солҳои 2018-2019 Вазорати таълими томактабӣ шартномаҳо оиди шарикии давлатӣ-хусусӣ ба имзо расонд, ки 3,89 триллион сӯм арзиш доранд. Иқтидори ташкилотҳои таълими томактабии ғайридавлатӣ, ки ба наздикӣ мавриди истифода мегарданд, дорои 147,9 ҳазор ҷой мебошад. Соли 2020 барпо кардани боз 2 ҳазор ташкилоти таълими томактабии оилавӣ, 420-то ин гуна мактабҳо дар доираи шарикии давлатию хусусӣ ба нақша гирифта шудааст.

Барои ташкилотҳои таълими томактабӣ омодасозии кадрҳои педагогию идоракунӣ, бозомӯзӣ ва такмили малакаи онҳо низ дигаргуниҳои мусбӣ ба амал меоянд.

Офаридани шароитҳо баҳри рушди ҳарҷонибаи зеҳнӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷисмонии бачаҳои то синни томактабӣ низ яке аз самтҳои асосии Консепсия аст. Дар сохтори мазкур бо мақсади васеъ ҷорӣ намудани инноватсия, технологияи пешқадами педагогӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ, таъмини ташкилотҳои таълимии томактабӣ бо компутер, васли онҳо бо нуқтаҳои интернет давра ба давра амалӣ мегардад.

Аз рӯи ба амал баровардани самаранокии таълими томактабӣ дар мавзӯи боз ҳам такмил додани истифодабарӣ аз технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълиму тарбия аз ҷониби шуъбаҳои шаҳрӣ (ноҳиявӣ)-и таълими томактабӣ анҷуманҳои таълимӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ пеш бурда мешаванд. Дар ин гуна чорабиниҳо оиди ислоҳи хатою норасоиҳо дар сохтори «Open emis» кӯмаки амалӣ расонда мешавад.

**Одилҷон ИМИНОВ,**
**раиси Кумитаи фан, таълим ва масъалаҳои тандурустии Сенати Олий Маҷлис.**

**Қабули сайёри навбатии ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов дар ноҳияи Кӯшработ гузаронида шуд.**

# ҚАБУЛИ САЙЁР ДАР КӮШРАБОТ

Дар рафти қабули сайёр 294 нафар шаҳрванд аз рӯйи масъалаҳои барои сохтмони хонаву ҷой ҷудо кардани замин, ёрии моддӣ, пенсия, нафақаи бачагон, таъмини шуғл, гирифтани кредит, муаммоҳои гази табиӣ, қувваи барқ ва оби нӯшиданӣ, мушкилиҳои сохтори ҳифзи тандурустӣ, хоҷагии коммуналӣ, таъмири роҳ ва соҳаи таълим муроҷиат карданд. Ба масъалаҳое, ки ҳалли онҳо вақт талаб мекунад, мутасаддиён вобаста карда шуданд ва иҷрои онҳо аз тарафи ҳокимият ба назорат гирифта мешавад.

– Ногирои гурӯҳи дувум мебошам, – гуфт истиқоматкунандаи маҳаллаи Булоқбошии ноҳия Шаҳзода Қаршиева. – Бо дӯзандагӣ машғул ҳастам. Аммо барои хариди мошини дӯзандагӣ маблағ надорам. Дар рафти қабули сайёр барои харидани мошини дӯзандагӣ ёрӣ пурсидам ва муроҷиати ман дар худи ҳамин ҷо ҳал карда шуд. Барои ин аз мутасаддиён миннатдор ҳастам.

Дар рафти қабул зани солхӯрдае, ки соҳиби ду фарзанд мебошад, ба ҳокими вилоят аз рӯйи масъалаи таъмири хонаву ҷой муроҷиат кард. Ҳокими вилоят ба ин масъала бефарқ шуда натавонист.

– Агар фарзандоне, ки Шумо тарбия карда, ба камол расондед, имрӯз ба шумо ғамхорӣ карда натавонанд, ин корро давлат ба ӯҳдаи худ мегирад, – гуфт Э. Турдимов. – Марҳамат, ба хонаи «Саховат» ҷойгир мекунем. Дар зисту зиндагонӣ ва хӯрду пӯшидани шумо ягон муаммо намешавад. Аз хизмати намунавии тиббӣ истифода мебаред. Ин масъаларо дар ин ҳол намегузорем. Мувофиқи қонун фарзанди болиғ бояд ба падару модари солхӯрдаи худ ғамхорӣ намояд. Ин ҳатмист. Дар асоси ҳамин тамоил, ки ба Конститутсия ворид шудааст, ба суд даъво мекунем ва аз фарзандонатон алимент меситонем.

Албатта, пиразан чунин ранг гирифтани корро интизор набуд. Ин барои дигар шаҳрвандоне, ки бо чунин «масъалаҳо» омада буданд, дарси ибрат шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# АКАДЕМИК ТУРСУНБОЙ РАШИДОВ



Илми Ўзбекистон талафи калон дод.

7 октябри соли 2020 дар синни 86 олими маъруфи соҳаи механика ва қобили муқовимати зилзилаи иншоот, академики Академияи улуми Ҷумҳурии Ўзбекистон Турсунбой Рашидов бо ҳаёт падруд гуфт.

Т.Рашидов 27 майи соли 1934 дар шаҳри Тошканд таваллуд ёфтааст.

Соли 1956 Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (ҳоло Донишгоҳи миллии Ўзбекистон)-ро ба итмом расонда, дар аспирантураи ҳамин муассисаи таълимӣ таҳсил намуд. Соли 1964 рисолаи номзадӣ ва соли 1972 рисолаи докторӣ ҳимоя намуд. Соли 1984 академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон интихоб гардид. Олими соҳибистеъдод дар зарфи 65 соли фаъолияти босамари илмиву педагогӣ чун мудири лаборатория, директори Институти механика ва қобили муқовимати зилзилаи иншооти ба номи М.Ўрозбоеви Академияи илмҳо, ректори Донишкадаи саноати бофандагӣ ва сабуки Тошканд, узви коллегия, котиби калони илмӣ, котиби илмӣ, ноиб-президенти Академияи илмҳо босамар меҳнат намуд ва дар рушди илми мамлакат ва тарбияи кадрҳои баландмалака саҳми муносиб гузошт.

Т.Рашидов чун бунёдгузори назарияи сейсмодинамикаи иншоотҳои мураккаби низомноки зеризаминӣ дар Ўзбекистон мактаби хусусии суботнокӣ ба зилзиларо ташаккул дод. Олими меҳнатқарин бевосита роҳбарии пажӯҳишҳои илмии фундаменталиро дар соҳаи механика ва татбиқи натиҷаи он дар хоҷагии қишлоқро роҳбарӣ намуд. Дар рушди соҳа меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмони иншооти зеризаминӣ дар ҳудудҳои заминҷунбӣ ва дар асоси он ба вуҷуд овардани конструксияҳои қобили муқовимати зилзилаи метрополитени Тошканд коркардҳои зери роҳбарии ӯ нақши муҳим доштанд.

Даҳҳо монография, садҳо мақолаҳои илмии бахшида ба масъалаҳои соҳаҳои назариявӣ ва амалӣ, ихтироъҳои академик Т.Рашидов ба олимони ватанӣ ва хориҷӣ хуб маълум аст.

Зери роҳбарии олими машҳур, ба сифати мураббии ғамхор, бисёр ҷавононро сабақ додааст, даҳҳо номзад ва докторҳои илм тарбия ёфтанд.

Давлат хидматҳои академик Т.Рашидовро дар рушди илми мамлакат муносиб қадр намуд. Ӯ бо Мукофоти давлатии ба номи Берунии Ҷумҳурии Ўзбекистон, ордени «Меҳнат шӯҳрати» мукофотонида шуда, ба унвони фахрии «Арбоби шоистаи илми Ҷумҳурии Ўзбекистон» сазовор гаштааст.

Хотираи олими машҳур, мураббии ғамхор, инсони хоксор Турсунбой Рашидов дар қалбҳои мо ҳамеша боқӣ хоҳад монд.

**Ш.МИРЗИЁЕВ, Т.НОРБОЕВА, Н.ИСМОИЛОВ, А.АРИПОВ, Б.ЙЎЛДОШЕВ**

**ПАХТА-2020**

# НАҚШАИ ПАХТАСУПОРӢ САРБАЛАНДОНА ФАТҲ ШУД

**Коргарони хоҷагии фермерии "Фар-Расулҷон" ҳамон рӯз иду тантана доштанд. Хоҷагӣ нақшаи солонаи супурдани пахтаро сарбаландона иҷро кард. Дар бошишгоҳи саҳроии хоҷагӣ деги калон гузоштанд ва ошу шӯрбо пухта шуд. Табъи аъзои хоҷагии фермерӣ чоқ ва дар чеҳраҳо ҳисси шодиву нишот ҳувайдо буд.**



– Қарор карда будем, ки рӯзи фатҳи марра як гӯсфандро сар мезанем ва шодиву хурсандӣ мекунем. Зеро барои расидан ба ин мақсад коргарони хоҷагии фермериамон талоши зиёд ба харҷ доданд. Мо бо истифода аз обу ҳавои мусоид фатҳи марраро таъмин кардем. Бубинед, ки ҳамаи коргарон хурсанду хушҳоланд, – гуфт бо ифтихор роҳбари хоҷагии фермерии "Фар-Расулҷон" Рустам Абдураҳмонов.

Ин хоҷагӣ соли равон ба 17 гектар пахта кишта, онро дар асоси қоидаҳои агротехникӣ парвариш намуд. Дар натиҷаи меҳнати пурсамар ҳосили дилхоҳ ба даст омад. Хоҷагӣ аз ҳар гектар 34 сентнерӣ "тиллои сафед" ҷамъоварӣ намуда, ба хирмани кластери "Баҳодир-Лоғон" супурд. Ҷамъи ҳосил аз сад тонна гузашт.

– Ҳоло боз ҳудуди даҳ тоннаи дигар ҳосил боқӣ мондааст. Онро низ дар рӯзҳои наздик ҷамъоварӣ карда, баъд ба кишти ғаллаи тирамоҳӣ машғул мешавем. Кластер барои ҳар як килограмми пахтаи чидашуда ба коргаронамон ҳазор сӯмӣ пардохт. Ин маблағ дар ҳар панҷ рӯз ба дасти онҳо мерасид. Дар чиниши якуми майдонҳои пахта мо аллакай 70 дарсади нақшаро убур кардем. Ҳоло боз тамоми қувваро барои ҷамъоварии ҳосили пахтаи боқимонда сафарбар мекунем, – мегӯяд Рустам Абдураҳмонов.

Як қисми майдонҳое, ки хоҷагиҳои фермерии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қаротеппаи ноҳияи Ёзёвон дар он ба кишту парвариши пахтаву ғалла машғул мешуданд, ҳоло ба боғзорҳои серҳосил табдил ёфтааст. Хоҷагии фермерии "Фар-Расулҷон" низ ду гектар боғ парвариш мекунад ва ба дастархони мардум меваҳои тару тоза пешкаш менамояд.

Ба гуфтаи Рустам Абдураҳмонов ҳосили имсолаи ғаллаи хоҷагии фермериашон низ мувофиқи табъ буд. Онҳо дар 26 гектар ба кишту парвариши ғалла машғул шуданд. Аз ҳар гектари ғаллазор чиҳил сентнерӣ ҳосили хушсифати гандум ба даст оварданд.

Дарвоқеъ, хоҷагии фермерии "Фар-Расулҷон" дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қаротеппа яке аз аз хоҷагиҳои пешқадам муаррифӣ шудааст. Соли гузашта ин хоҷагӣ ҳудуди 200 миллион сӯм фоидаи соф ба даст овард.

– Ҳисобу китобҳои муқаддамотӣ нишон медиҳанд, ки хоҷагии фермериамон соли равонро бо 570 миллион сӯм даромад ҷамъбаст хоҳад кард. Аз ин шумор фоидаи соф 240 миллион сӯмро ташкил хоҳад кард. Барои хоҷагии фермерии мо ин бурди калон ҳисоб меёбад, – мегӯяд сардори хоҷагии фермерӣ Рустам Абдураҳмонов.

Дар айни ҳол хоҷагии фермерии "Фар-Расулҷон" соҳиби ту тракторӣ ТТЗ-28 ва Т-28 мебошад. Аҳадулло Маназаров, Наинҷон Икромов ва Саидҷон Саидазимов аз оғози мавсими кишту парвариши зироатҳои пахтаву ғалла то ҷамъоварии ҳосил машғули меҳнат мебошанд. Зеро аз миробиву шудгоркунӣ ва нарм кардани бехи ниҳолҳои пахта сар карда, то ҷамъоварии ҳосил ва ба хирман интиқол додани он заҳмат мекашанд.

– Ин мардони майдон ҳар сол аз ҳамин ҳисоб зиндагии аъзои хонаводаашонро таъмин мекунанд. Кластери "Баҳодир-Лоғон" маоши онҳоро сари вақт мепардозад, – изҳор кард Рустам Абдураҳмонов.

Ҷамъи коргарони доимии хоҷагии фермерӣ аз 48 нафар иборат аст. Султонпочо Шарипова, Одинахон Мараҷабова, Фотима Олимова, Замира Исоқова ва Мақсуда Дадаҷонова аз коргарони пешқадами ин хоҷагии фермерӣ маҳсуб меёбанд. Маълум шуд, ки дар ин рӯзҳои ҷамъоварии ҳосили пахта онҳо рӯзмарра 120-150 килограммӣ пахта мечинанд.

– Падарам тамоми умри худро ба кори кишоварзӣ бахшидаанд ва моро аз ҳамин ҳисоб хӯрондаву пӯшонидаанд. Ман низ бо ҳамсарам Наимахон ба касбу кори деҳқонӣ рӯй овардаем. Соҳиби панҷ фарзанд мебошем. Талош дорем, ки фарзандонамон дар мактаб хубу аъло хонанд ва соҳибмаълумот шаванд, – мегӯяд Рустам Абдураҳмонов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

**Табиат мекунад моро табобат**

# ФОИДАИ РАСТАНИҲОИ ХУДРӮЙ

***Кабар як навъи растании бисёрсола мебошад ва асосан дар ҳамвориҳо мерӯяд. Меваи бодирингмонанд дорад. Баргҳояш паҳну парешон аст, гули сафедчатобу сершаҳди кабарро асосан чорвои майда ва шутур мехӯрад. Он барои чорво ғизои хуб маҳсуб меёбад. Меваи кабар давои бемориҳои ғӯрӣ ва варами бодомшакли гулӯ ҳисоб меёбад.Табибони халқӣ бо решаи он тарбод, касалии қанд, зарпарвин, нуқсиҳои ҷигарро табобат мекунанд. Азбаски кабар хосияти шифобахшӣ дорад, солҳои охир соҳибкорон ба қадоқкунии кабар пардохтанд.***



Аз ҷумла, дар шаҳрчаи Хонбанди ноҳияи Фориш корхона бо номи «O'RMONCHA-CAPERS'' аз соли 2019 инҷониб фаъолият мекунад. Дар он ҷо меваи кабарро ба зарфҳои хурд-хурд ҷо намуда, маҳсулоти тайёр бо тамғаи «Фориш ковуллари» ё худ «Золотой Восток» ба хориҷа мефиристанд. Соли 2019 ба Туркия, имсол ба Испания ва Италия маҳсулот содир намуданд. Дар корхона 60-70 нафар бо кори доимӣ банд аст. Дар вақти ҷамъоварии меваи кабар садҳо нафар бо корҳои мавсимӣ банд мешаванд.

Рустании дигари худрӯй роба мебошад. Решаву пояаш ғафсу турбмонанд аст. То ду метр қад мекашад. Дар минтақаи алафзори ҷумҳурӣ мерӯяд. Бӯйи тез ва талхиаш то дер вақт паст намешавад. Роба хусусияти хуби ғизоӣ ва давоӣ дорад. Мегӯянд, ки мардуми Ҳинд шираи онро барои рафъи касалиҳои дарунӣ истеъмол мекунанд. Робаро барои табобати ҷигару меъда ва паст намудани ғалаёни хун истифода мебаранд. Дар даштҳои ноҳияи Фориш як гурӯҳ соҳибкорон шира ва донаки решаву танаи робаро ҷамъ оварда, ба кишварҳои хориҷӣ мефурӯшанд. Порсол на танҳо аҳолии маҳаллӣ, балки аз минтақаи шимоли Афғонистон омада ба ин кор шуғл варзиданд. Назар ба маълумотҳо, соли аввал як тонна ҳосил гирифтанд. Як килограмм шира ва донаки роба то 42 доллар қиммат дорад. Соли дуюм миқдори ҳосил қариб ба ду тонна расид. Ҳокими ноҳия Абдувалӣ Мустанов дар мулоқоту сӯҳбатҳо аз истиқболҳои соҳаи сайёҳӣ ва оқилона истифода бурдан аз заминҳои хоҷагии ҷангал ҳарф зада, (мувофиқи маълумотҳо масоҳати замини хоҷагии ҷангали ноҳия 71 ҳазор гектар буда, аз он 17 ҳазор гектараш мамнӯъгоҳи экологӣ мебошад) фоидаи хуби растаниҳои худрӯй ва бо ин роҳ бо шуғл бандшавии аҳолиро низ номбар мекунад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*
**Суратгир: Ҷ. ЁРБЕКОВ (ЎзА).**

## ХАБАРҲО

### Воқеаи нодири криминалистикаи имрӯз

***Ҷинояти вазнини вобаста ба қотилӣ, ки аз ҷониби сокини деҳаи Чандири ноҳияи Ромеатани вилояти Бухоро содир шуда буд, баъди 32 сол фош гардид.***

Дар гармогармии рӯй додани воқеа 7 нақши панҷаи дасти гумондор гирифта шуда буд. Вале имконияти ба сари қотил гузоштан ва ҷазо додани ӯ бинобар нокифоягии далелҳо ва он вақтҳо номукаммалии технологияи криминалистика ба амал наомад. Инак, моҳи сентябри соли равон дар натиҷаи аз технологияи замонавӣ самаранок истифода бурдани ходимони зершӯъбаи криминалистикаи экспертии корҳои дохилии вилояти Бухоро изи панҷае, ки аз ҷои ҳодиса гирифта шуда буд, ба нақши панҷаи гумондор мувофиқ омад. Ҷиноятткор, ки синнаш ба 60 наздик аст, ба гуноҳи худ иқрор гашт. Вай баробари ба қатл расондани зане, ки 32 сол қабл хазон гашт, зару заварҳояшро ба яғмо бурда буд. Корҳои тафтишотӣ давом доранд.

### Мактаби ибрат

***Як гурӯҳ донишҷӯёну устодони Академияи тиббии Тошканд машғулияти навбатии маънавии худро дар назди муҷассамаи шоираи номвар Зулфия Исроилова воқеъ дар Хиёбони адибон гузарониданд.***

Ҳаёт ва эҷоди шоира ёдрас гардид ва нисбати рӯҳи ӯ эҳтиром ба ҷо оварда шуд. Баромадҳои ҷолиби як гурӯҳ донишҷӯён, ки шеърхониҳо карданд, ба ҳозирон таассуроти нек гузошт.

Ҳамчунин таъкид гашт, дар Академияи тиббӣ «Хонаҳои Зулфияхонум», «Фарзандҳои Зулфияхонум» ташкил карда шудаанд. Ба номи Зулфия стипендия низ ташкил карда шудааст, ки ин низ эҳтироми бузург нисбати шоираи зиндаёд аст. Донишҷӯ Н.Алимардонова мегӯяд, Зулфияхонум баробари суханвари машҳур будан тимсоли меҳру вафо, матонат ва бардошт низ мебошад, роҳи эҷодию ҳаётиаш барои насли ҷавон мактаби ибрат аст.

### Аз ғамхориҳо мамнун

***Дар ташаккули маънавият ва тафаккури омма нақши санъати театр беқиёс аст.***

Дар шаҳри Ҷиззах ба истифода супурда шудани биной бошукӯҳи театри лухтак воқеаи муҳим дар ҳаёти алоқамандони театр дар вилоят гардид.

Дар маросими кушоиш баромадкунандагон бинобар эътибори бузург ба санъату маданият ва дар рӯҳи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ тарбия намудани кӯдакон, тармим ва барпои ин гуна марказҳои санъат дар ҷойҳо ба Президент изҳори сипос карданд, хидмати шоёни бинокоронро, ки қасри барҳаво ва ба кулли қулаиҳо молик барпо кардаанд, низ эътироф карда гузаштанд. Ба тӯй бо тӯёна – Вазорати маданияти ҷумҳурӣ ба театри лухтаки вилоят калиди рамзии автомобили «Дамас» тухфа намуд. Бино, ки ба ивази 12 миллиард сӯм қомат рост кардааст, дорои 230 ҷои нишаст мебошад. 44 нафар ҷамоати меҳнатии театр, ки ниҳоят баъди 32 сол соҳиби бино шуданд, аз ғамхориҳо бисёр мамнун.

### Вохӯрӣ бо устоди донишгоҳ

***Ҷамоаи факултаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд тавассути видеоконфронс бо муаллимаи собиқадори ҳамин даргоҳ, номзади илмҳои педагогӣ, профессор Раҳима Мавлонова суҳбат карданд.***

Номбурда, ки ҳоло 90-сола шудааст, 62 сол дар маскани таълими олии зикршуда фаъолият бурд, ба унвони фахрии Муаллимаи хидматнишондодаи ҷумҳурӣ сазовор гашт, соҳиби ордени «Буюк хизматлари учун» гардид. Якчанд дастуруламал, китобҳои дарсӣ ва рисолаҳои методӣ оиди педагогика ва шохаҳои технологии он офарид. Ҳаҷми корҳои илмию амалие, ки тақдим доштааст, 360 ҷузъи чопиро ташкил менамояд.

Дар вохӯрии ду авлод устод-муаллима дар вазъи баромада омадан аз талабҳои замон ба шогирдони имрӯзаи донишгоҳ маслиҳатҳои муфид дод.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

Ба муносибати 145-солагии Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ

***Оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодию илмии Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, ки айни замон арбоби ҷамоатӣ низ ҳисоб меёфт, дар ВАО маводи ҷолиб ба нашр мерасанд. Ӯву Аҳмади Дониш дар атрофи худ Абдулқодири Шакурӣ, Муҳаммадшарифи Сӯфизода, Абдурауфи Фитрат, Исматулло Раҳматуллозода, Саид Аҳмади Васлӣ, Хоҷа Муин барин маърифатпарварони сарсупорро муттаҳид сохта, оммаро ба илму маориф ҷалб ва баҳри тарғибу ташвиқи ҳаёти нав, пурқувваттар шудани ҳаёти ҷадидӣ ҷидду ҷаҳд сохта, баробари ба мактабҳои усули нав китобҳои дарсию таълимӣ навиштан дар «Хуршед», «Туҷҷор», «Таҷаллӣ» барин нашрҳои даврӣ бо мақолаҳое, ки характери публитсистию даъваткунанда доштанд, баромадҳо менамуданд. 145-солагии М.Беҳбудӣ, ки таҷлил мегардад, месазад дар борааш бисёр навишт, ба тарафҳои торики зиндагинома ва фаъолияташ то имкон будан равшанӣ андохт.***

# БЕҲБУДӢ ВА «ПАДАРКУШ»-И Ӯ

Чӣ қадар фидоӣ буданд маърифатпарвароне чун Шакурию Беҳбудӣ: А.Шакурӣ ҳавлии худ воқеъ дар маҳаллаи Раҷабаминро ба ихтиёри мактаб супурд. Чун толибилмон зиёд шуданду мактабхона тангӣ кард, Беҳбудӣ ҳавлии дар шаҳри куҳнабудаашро барои мактаб доду худаш ба ҷои дигар кӯч баст.

Манзили бобоии роқими ин сатрҳо низ замонҳое ба ихтиёри мактаби нав гузошта шуда будааст. Бале, бисёр меҳмонхонаҳои шахсони доро ба мактабхона табдил дода шуданд. Вале ихтиёрӣ не, маҷбурӣ. Манзили бобои ман ва дигар бойҳо зӯран кашида гирифта шуда, ба мактабхона гардонда шуда буданд. Аммо Шакурию Беҳбудӣ барин бузургворон дар ҳавлии худ ихтиёрӣ мактаб ташкил карданд, ба толибони илм дарс доданд, китобҳое навиштанд, ки ба тарғиби фанҳои дунёвӣ-табиӣ равона карда шуда буданд. Аз ҷумла, М.Беҳбудӣ китобҳои дарсӣ ва дастурамалҳое таълиф сохт аз қабили «Мухтасари ҷуғрофияи умумӣ», «Мухтасари ҷуғрофияи русӣ», «Китоб-ул-атфол», «Мухтасари таърихи ислом».

Ҳаёт тақозо мекард маърифатпарварони фидоӣ фаъолияти ноширӣ-журналистӣ низ ба роҳ гузоранд. Саҳифаҳои рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Оина» бо маводи мавзӯъҳои таълимии Беҳбудӣ рангин ва хонданӣ мебаромаданд.

Дунё талабӣ азми сафар бояд кард, уқбо талабӣ, оҳи саҳар бояд кард, гуфтааст шоире. Аммо ниёҳои бузурги мо танҳо барои тиҷорат ва ҷамъ кардани дороӣ не, барои илм омӯхтан ва васеъсозии доираи ҷаҳонбинию тафаккур низ ба сайру сафарҳо мебаромаданд. Минҷумла ташнаи илме чун Беҳбудӣ дар ҳамон шароити душвор ба Арабистон, Миср, Туркия барин кишварҳои Шарқи Наздик сафар кард. Аз Қазон, Петербург, Маскав ва Уфа барин шаҳрҳои Русия дидан намуд. Сафарҳо ба тафаккур ва фаъолияти илмию эҷодиаш таъсири нек гузоштанд, ҳарчанд пуразоб буданд. Дар Русия бо Исмоили Гаспарӣ аз наздик шинос шуд, ғояҳои ӯро оиди ҷадидизм ва усулҳои тозаи таълиму тарбия дар шароити нави таърихии Осиёи Марказӣ идома бахшид.

Маълум, ки афкори иҷтимоию сиёсии ҷадидон, ки ҷонибдори озодӣ ва мактабу маорифи тарзи нав буданд, ба аморати Бухоро ва зимомдорони давр маъқул набуд. Сохти феодалии мавҷударо онҳо сахт ба зери танқид мегирифтанд. Амир Олимхону дарбориён, хусусан, Беҳбудиро душмани ашаддии худ меҳисобиданд. Тозафикрҳо, аз ҷумла, Беҳбудӣ созишкорӣ бо буржуазияи русро низ намеписандиданд. Беҳбудӣ аз зимомдорони рус талаб мекард андози улпон бекор карда шавад. Ин буд Беҳбудии шуҷоъ ва озодфикрро натанҳо дар доираи генерал-губернатори Туркистон, ҳатто дар боргоҳи подшоҳи рус хуб мешинохтанд ва аз вай хавф мебурданд.

Беҳбудӣ инқилоби Октябрро қабул кард ё накард?

Аввал қабул накард. Баъдан дар ҷаҳонбиниаш тағйирот ба амал омаданд ва ба хидмати инқилоб пардохт. Аммо ба илму маърифати бобоӣ ва дини мубини ислом ҳамеша эҳтиром мегузошт. Дар ҳар гуна шароит ба ояту ҳадисҳо такя ва ба ҳар фармудаи ин ҳуҷҷатҳо амал месохт, айни замон манфиати халқи оддӣ ва заҳматиро ҳимоя намуда, мардумро ба омӯхтани илму дониш даъват менамуд.

М.Беҳбудӣ чун арбоби ҷамъиятӣ дар солҳои аввали инқилоб чӣ корҳоро ба амал баровард? Шодравон Раҳим Муқимов (доктори илмҳои филологӣ) дар мақолааш «Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ – маърифатпарвари бузург», аз ҷумла, нигошта: «Комиссари корҳои маориф М.Беҳбудӣ дар Самарқанд дар кори васеъ намудани шохаҳои мактабӣ, омӯхтани нақшаҳои таълиму тарбия, офаридани дастуру китобҳои дарсӣ, кушодани курсҳои муаллимӣ фаъолона иштирок мекард. Аз ҷумла, барои мактабҳои ибтидоӣ китоби дарсии «Ҳисоби нав»-ро навишта нашр кунонид. Соли 1918 ба Тошканд омада, бо роҳбарони ҳизб ва ташкилотҳои шӯравӣ вохӯрд, бобати омодасозии як қатор қонун ва ҳуҷҷатҳои муҳим ҳамкорӣ намуд».

Беҳбудиро, ки бо мақсади шиносоӣ ба ҳаёти мактабу маориф дар маҳалҳо аз Самарқанд азми Қашқадарё карда буд, дар Шаҳрисабз сарбозони амир дастгир карданд ва ӯро пинҳонӣ ба Қаршӣ оварданд. Бо фармони бекии Қаршӣ Тағойбек Беҳбудӣ қатл гардид. Ин моҳи марти соли 1919 ба вуқӯъ омад.

С.Айнӣ навиштааст: «Номи шоири ҷафокаш Беҳбудӣ дар Шарқи мусулмонӣ бо эҳтиром ба забон оварда мешавад, чунки ӯ байни 20 сол бо тафаккур ва қадру қимати инсониаш тамоми мавҷудотро ба мубориза дар роҳи ҳаёти озод, нуру маърифат даъват карда омад».

Беҳбудӣ воқеан фақеҳи комил буд, бо омӯзиши таърих ва назарияи ислом низ ҷиддан машғул гашт, арабиро омӯхта, соли 1899 ба Ҳаҷ рафт, дар он ҷо муфтӣ унвон гирифт...

Аз сафарҳо чӣ меовард. Китоб, албатта. Китобҳои зиёд ғун кард, ҳазорҳо китобҳояшро ба китобхонаи мактабҳои усули нав ҳадя намуд.

Солҳои 1912-1913 дар Самарқанд асос гузоштан ба нашрҳои «Самарқанд» ва «Оина» барояш осон накӯчид. Даҳрӣ ва раҳнамои ҷадидҳо гуфта, ҷонибаш чӣ қадар санг партофтанд.

Дар манбаъҳо қайд шуда, ки Беҳбудӣ бо форсӣ-тоҷикӣ ва ӯзбекӣ бештар аз дусад мақола навишта ва дар «Тӯрон», «Садои Туркистон», «Вақт», «Тоза ҳаёт», «Ҳуррият» ва ғайраҳо чоп кунондааст.

М.Беҳбудӣ ба сифати драматург песаи «Падаркуш ё худ ҳоли бачаи нахонда»-ро навишт ва дар адабиёти ӯзбеку тоҷик ба сифати аввалин драманавис эътироф гашт.

Иштирокдорони «Падаркуш» бой, домулло, зиёӣ, пристав ва ғайраҳо. Писари бой Тошмурод эркатулфор калон шуда, ҳамеша аз падараш барои сайругашти шабона пул талаб мекунад. Баъде падар хоҳиши писари маишатбоз ва ба роҳи фаҳшдаромадаро рад кард, муносибат байни онҳо тезутунд гашт. Ҷӯраҳои бадгард Тошмуродро аз роҳ заданд ва маслиҳат доданд роҳи ягонаи пулситонӣ ҳуҷум бо аслиҳа ва кушодани говсандуқ.

Дар вақташ домулло ба бой маслиҳат дода буд бачаашро хононад, агар нахонд ҷоҳил ва ноқобил ба воя расидани фарзанд аз эҳтимол дур нест. Аммо бой ба маслиҳат гӯш накард, ҳатто аз домулло ранҷид ва гуфт, ки «хондагиҳо ба куҷо расиданд?» То куҷо расидан ва ба ҷаҳолат печидану ба манзили падар шабехун задани бачаи нахондаро мисле худи ҳаёт нишон дод.

Бойро писараш Тошмурод не, ҷӯраи ӯ Тангриқул ба қатл расонд. Вале драма «Падаркуш» ном гирифт. Зеро маҳз писари ноқобил ба фоҷиаеро, ки ба сари падар омад, сабаб гардида буд. Дар песа хулқи ношоистаи Лиза ном фоҳиша, ки мардҳои шабгардро ба худ мекашид ва барои як шаб 15 рубл талаб мекард, фош карда шудааст. Ҳол он ки бой барои хидматгузори даргоҳи худ дар як моҳ ҳамагӣ 7 рубл медод.

Драмаи дидактикии «Падаркуш», ки ибратнома аз маишати Туркистон тавзеҳ ёфта ва аз 3 пардаю 4 манзара (намоиш) таркиб ёфтааст, соли 1913 аз сензураи русӣ гузашт ва бори аввал дар «Хонаи халқ»-и Самарқанд бо забони русӣ намоиш дода шуд. Баъдтар труппаҳои халқӣ онро дар Бухоро, Каттақӯрғон ва Қӯқанд низ ба тамошобинон пешкаш карданд. Анъанаи драманависиро бошад, сонитар А.Фитрат («Абулфайзхон», «Восеъ»), Ҳамза Ҳакимзода («Ҳаёти заҳролуд»), Хоҷа Муин («Мактаби куҳна – мактаби нав») ва дигарон давом намуданд.

Назар ба таъкиди профессор Р.Муқимов маҳз «Падаркуш», ки бори аввал дар асоси асари драманависи маҳаллӣ саҳнавӣ гашт, «якумин асари театри миллии ӯзбек ва тоҷик ба ҳисоб меравад».

Барои чӣ якумин асари театри миллии ҳам тоҷик ва ҳам ӯзбек?

Барои он ки «Падаркуш» ҳанӯз соли 1911 бо забони тоҷикӣ навишта шуда буд. Соли 1912 муаллиф онро ба ӯзбекӣ баргардонд ва дар саҳифаҳои «Турон» чоп кунонд.

Асар дар шакли китоб 100 сол қабл аз ин аз ҷониби «Нашриёти Беҳбудия»-и Самарқанд ба табъ расида буд.

Ба наздикӣ бо фармони Президентамон М. Беҳбудӣ бо ордени «Буюк хизматлари учун» мукофотонида шуд.

**М.ШОДИЕВ.**

Маърифати динӣ

# ПОКӢ – НИШОНАИ ИМОН

***Ислом – дини покизакорӣ. Покизакорӣ бошад, нишонаи имон ба ҳисоб меравад. Дар олам ҳеч дин ё сохти иҷтимоӣ ба покию покизакорӣ мисли дини ислом эҳтиром намегузорад.***

Бале, агар инсон пок набошад, ибодати ӯ қабул намешавад. Шарти аввалини қабул гардидани ибодат тозагии ният ва қалби муъмин аст. Ва талаби дигар покизагии ҳамаи узвҳо ва пок будани ҷойи ибодат аст.

Аз дасти одаме, ки дилу нияти пок дорад, кори бад намеояд. Дар Қуръони карим гуфта шудааст: «Дар он касоне ҳастанд, ки покизагиро дӯст медоранд. Аллоҳ покизакоронро дӯст дорад». Дар ояти дигари Каломи шариф омадааст: «Аллоҳ муъминҳоро дар ҳолати ҳозираи шумо намегузорад. Ӯ поку нопокро аз ҳам ҷудо мекунад. Аллоҳ шуморо аз илми ғайб воқиф накард. Аммо қисматеро аз байни паёмбарон (барои қисман хабардор кардан аз илми ғайб) хоста гирифт. Пас, ба Аллоҳ ва паёмбарони ӯ имон оред. Тақводор бошед, ба шумо (дар охират) мукофот ҳаст» (ояти 179-уми сураи «Оли Имрон»).

Бузург доштани покӣ ва покизакориро аз ҳадиси зерин низ метавон донист: «Аллоҳ нармдил (самимӣ) аст, самимиятро дӯст дорад, покиза аст, покизакориро дӯст дорад, саҳӣ аст, саховатмандонро дӯст дорад, олиҳиммат аст, кушодадастонро дӯст дорад».

Барилова, дар таълимгоҳҳо, автобус ва метро барин ҷойҳои ҷамоатӣ ба тозакорӣ бояд риоя намоем. Бо партов олуда насозем. Зеро, «Поккорӣ аз имон аст».

Расулуллоҳ (с) фармудаанд: «Хона ва саҳни хонаводаро пок, саранҷому сариштa нигоҳ доред» (ривояти Тирмизӣ).

Партовро дар кӯча ё ҷойи равуои одамҳо набояд партофт. Ҷамъ карда гаштани партов низ кори хуб нест. Даруни хона, зарфҳои ошхона, либосворӣ ва ҷиҳозҳоро тоза бояд нигоҳ дошт.

Дини ислом ба тоза нигоҳ доштани оби нӯшокӣ, гирду атроф ва узвҳои бадан даъват мекунад. Тавре ки дар Қуръони карим омадааст, мусулмонон дар давоми асрҳо ба пок нигоҳ доштани ҷӯйбор, дарёву баҳрҳо худро масъул мешумориданд. Дар акси ҳол моҳӣ аз неъмат ба моддаи заҳролуд табдил меёбад.

Аллоҳи таоло дар Қуръони карим ба бандаҳои худ гуфтааст: Ӯ барои шумо заминро «пояндоз», осмонро «бино» кардаву ва аз осмон об фуровард, ба сифати ризқу рӯзӣ меваҳо (дарахтҳои мевадор)-ро рӯёнд (ояти 22-юми сураи «Бақара»).

Дар вақти нӯшидан нафаси инсон набояд ба даруни зарф афтад. Аз он, ки дар натиҷаи ҷамъшавии микроб бемориҳои зиёд пайдо мешавад, дар зарфҳои шикаста ё дарзрафта истеъмоли таом мумкин нест.

Ғусл ва таҳорат кардан низ қоидаҳои қатъии ба худ хос доранд, ки ба саломатии инсон нигаронида шудаанд.

**Ғафурҷон РАЗЗОҚОВ,**
**имом-хатиби масҷиди ҷомеи Баҳоуддин Нақшбанд,**
**мударриси мадрасаи Мири Араби Бухоро.**




*Дилдора Қосимова 20 сол аст, ки дар мактаби миёнаи таълими ҳамагонии рақами 6-уми шаҳри Тирмиз ба шогирдони синфҳои ибтидоӣ савод меомӯзад. Шогирдони зиёди ӯ мисли парасту дар осмони ҳаёти мустақилона болу пар кушодаанд. Муаллима дар асоси таҷрибаҳои андӯхтааш дастуруламалеро бо номи «Методикаи ташкили дарсҳои ноанъанавӣ» интишор намуд. Бисёр омӯзгорон дар фаъолияти кории худ аз ин дастуруламал истифода мебаранд. Намунаҳои эҷоди устод дар рӯзномаҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ пайваста чоп мешаванд.*
***Дар акс:*** *омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби миёнаи таълими ҳамагонии мазкур* ***Дилдора Қосимова****.*

***Аксбардор: Ҷ.ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).***

# БАРОИ ШАҲРВАНДИ ӮЗБЕКИСТОН ШУДАН ЗАБОНИ ДАВЛАТИРО БОЯД ДОНИСТ

**Вале сатҳи забондониро бояд чӣ хел муайян кард? Ба ин суол аз қарори ба наздикӣ батасвибрасидаи ҳукумат метавон ҷавоб пайдо кард.**

Шаҳрвандӣ — ин робитаи ҳуқуқии инсон ва давлат мебошад, ки дар маҷмӯъ ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти тарафайнро таҷассум менамояд.

Додани ҳуқуқи шаҳрвандии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба шахсоне, ки шаҳрванд нестанд ё шаҳрвандони дигар кишваранд, бино ба тартибе, ки дар Қонун «Доир ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Ӯзбекистон», аз 13 марти соли 2020, пешбинӣ шудааст, ба амал татбиқ мегардад.

Тибқи моддаи 13-уми Қонун, барои ҳуқуқи шаҳрвандии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро ба даст даровардан, инҳо асос шуда метавонанд: аз рӯйи таваллуд, ба фарзандӣ қабул кардан, дар натиҷаи қабул ё барқарор кардани шаҳрвандии Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Шаҳрванди Ҷумҳурии Ӯзбекистонро, бино ба дигар асосҳо низ, ки дар шартномаҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва қонуни дарамалбуда пешбинӣ шудааст, метавон қабул кард.

Дар Қонун пешбинӣ шудааст: оне, ки шаҳрвандии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро гирифтан мехоҳад, бояд ба таври бояду шояд забони давлатиро донад. Аммо, аз нигоҳи ҳуқуқӣ, санаде вуҷуд надорад, ки сатҳи зарурии донистани забони давлатиро муайян намояд.

Сатҳи забондонии (забони давлатӣ дар назар аст) онҳое, ки шаҳрвандии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро қабул кардан мехоҳанд, аз ҷониби Маркази омӯзишӣ бино ба асосҳои коргузорӣ бо забони давлатӣ ва такмили малакаи назди Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти Тошканд ба номи Алишер Навоӣ муайян карда мешавад.

Аз рӯйи забони давлатӣ имтиҳони озмоишӣ гузаронда мешавад. Онҳое, ки дар имтиҳон иштирок кардан мехоҳанд, бояд шахсан ё дар шакли электронӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд: ариза, ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ менамояд (яъне, гувоҳномаи таваллуди шахс, ки шаҳрванди кишвари хориҷӣ мебошад ё намебошад, ҳамчунин гувоҳнома дар бораи будубоши шахс дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ё картаи ID), сурати рангаи 3,5 х 4,5 дар манзар (фон)-и сафед, барга (квитансия) оиди пардохти боҷ (20 фоиз аз арзиши ҳисобшудаи пойгоҳӣ).

Нусхаи асли ҳуҷҷатҳо баъди нусхабардорӣ шудан, баргардонда мешаванд. Баъди пешниҳоди ҳамаи ҳуҷҷатҳо, имтиҳон дар тӯли як моҳ бо роҳи тест, хаттӣ ва даҳонӣ гузаронда мешавад. Холҳои ниҳоие, ки бояд ҷамъ карда шавад, 100 холро ташкил медиҳад, супоришҳо ба тарзи зайл тақсимбандӣ мешаванд: тест — холи ниҳоӣ 30; имтиҳони хаттӣ —холи ниҳоӣ 30; имтиҳони даҳонӣ — холи ниҳоӣ 40;

Бино ба натиҷагирӣ онҳое, ки дар маҷмӯъ аз 50 балл кам гирифтаанд, аз имтиҳон нагузашта ҳисобида мешаванд ва баъди як моҳ метавонанд бо ариза аз нав имтиҳон супоранд. Барои ин аризадиҳанда бояд аз нав пардохт кунад, баргаи нав илова мегардад. Натиҷаи имтиҳони озмунӣ дар тӯли се рӯз эълон карда мешавад.

Ба иштирокдороне, ки аз имтиҳон сарбаландона гузаштаанд, аз ҷониби Марказ ва шуъбаҳои ҳудудии он сертификат дода мешавад, ки муддати амалкардаш беохир аст.

**Бектурсун МУРОДҚОСИМОВ,**
**ходими масъули Вазорати адлия. (ӮзА).**

# СИРРИ ЗИНДАГИИ ФАРОВОН

***ба омӯзиши илм, фан ва технология вобаста аст***

Камина соли 2016 пас аз хатми мактаби рақами 40-уми деҳаи Қизилтепаи ноҳияи Чуст, аз рӯйи интернет ба Донишгоҳи байналхалқии иқтисодиёти Шанхайи Чин шинос шудам ва бо тарзи онлайн ҳуҷҷат супурдам. Имтиҳони қабул низ аз рӯйи онлайн дар Тошканд баргузор гардид. Ба донишгоҳ аз рӯйи грант қабул шудам ва аз ин хурсандиам ҳадду канор надошт.

Таҳсил дар Шанхай бароям мактаби ҳаёт, омӯзиши илм ва соҳиби ихтисоси дуюмин гашт. Дар ин ҷо таҳсил бештар гуворотар ва баҳогузорӣ низ нисбат ба дигар таълимгоҳҳои олӣ фарқ мекунад. Охири ҳар моҳ донишҷӯёне, ки холи муайяни пешниҳодкардашударо гирифта наметавонанд, дар курсашон мемонанд. Барои ҳамин ҳам донишҷӯён кӯшиш мекунанд зиёдтар хол ҷамъ оваранд.

Мобайни чор соли таҳсил дар хориҷ баробари омӯзиши илм ва такмили ихтисос дӯстони зиёд пайдо кардам.

Камина баъди хатми донишгоҳ фаъолияти меҳнатиамро дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Самира Амир», ки дар минтақаи озоди саноатии «Юксалиш»-и шаҳри Намангон воқеъ мебошад, сар кардам. Корхонаамон дар Ӯзбекистон ягона буда, рӯзе 125 тонна дар 170 номгӯй масолеҳи коғаз истеҳсол мекунад. Дар корхона ба 5 нафар инвесторони Чин вазифаи тарҷумониро дар ӯҳда дорам. Дар оянда таҳсилро дар магистратура идома дода, аз ҳисоби омӯзиши илм, фан ва технологияҳо ба равнақи диёрамон ҳисса гузоштан мехоҳам.

**Муҳаммадалӣ ШАРОПОВ,**
**корманди ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Самира Амир»-и шаҳри Намангон.**

***Узви тими яккачини Тоҷикистон ва футболбози «Истиқлол» (Душанбе) Эҳсони Панҷшанбе ба сафи «лочинҳо» қабул гашт.***

# БЕҲТАРИН ФУТБОЛБОЗИ ТОҶИКИСТОН ДАР «НАВБАҲОР»

Мувофиқи шартномаи баимзорасида легионери тоҷикистонӣ метавонад байни дуним сол шарафи «Навбаҳор»-ро ҳимоя кунад. Эҳсони Панҷшанбе чанде пеш баъди вохӯрии рафиқонаи тими Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар Тошканд ба сафи «Навбаҳор» даъват гашт. Вай дар Тошканд аз муоинаи тиббӣ гузашта, дар машғулиятҳои «Навбаҳор» иштирок кард.




Эҳсони Панҷшанбеи 21-сола фаъолияти футболбозиашро аз соли 2016 сар кардааст.

Ӯ дар муддати кӯтоҳ чор карат чемпиони Тоҷикистон, соҳиби ҷоми мамлакат мебошад. Ду сол пеш ҳамчун беҳтарин футболбози Тоҷикистон шинохта шудааст.

Соли 2018 дар сафи тими яккачини ҷавонони Тоҷикистон ҳамчун сардор дар чемпионати Осиё иштирок кардааст. То ҳол дар сафи тими яккачини Тоҷикистон 20 маротиба иштирок намудааст.

**А.МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# МАТНИ «МАСНАВӢ» БА НАСР

**Достони турку форсу румию араб ва ҷанҷоли онҳо бар сари як дирам, ки онро чӣ сон бояд байни худ тақсим кунанд.**

Саховатпешае ба чор кас, ки яке турк буду дигарӣ форс ва саввумӣ румӣ буду чаҳорумӣ араб як дирам эҳсон кард. Ин чаҳор кас аз чор кишвар омада буданд ва забони ҳамдигарро намефаҳмиданд. Барои тақсим кардани як дирам ба чор кас дар байнашон низову хархаша бархост. Форс аз ин ҷанҷол ба танг омада гуфт, ки беҳтар аст бар як дирам ангур харем ва онро дар байни худ баробар тақсим карда бихурем ва аз лаззаташ ҳамаамон бархурдор шавем. Араб, ки забони форсиро намедонист, гуфт: «Маъозаллоҳ (аз пешниҳоди ту Худо нигоҳ дорад), ло (не)! Ман «инаб» мехоҳам, на «ангур», эй дағо (ҳийлагар)». Дигаре, ки турк буд, гуфт: «Эй кӯзим (нури чашмам), ман «узум» мехоҳам, на «инаб», ё «ангур». Чаҳорумӣ, ки румӣ буд, ман «истофийл» мехоҳам, беҳтар ин аст «истофийл» бихарему байни худ баробар тақсим кунем».

Хулоса ҳар кадоме хостаи худро талаб мекард ва онон бар сари якдигар муштборон мекарданд, зеро аз асрори ин чаҳор номи дар сурат мухталиф, вале якмаъно бехабар буданд «ангур»-ро ба туркӣ «узум», ба румӣ «истофийл» ва ба арабӣ «инаб» мегӯянд.

*Чор касро дод марде як дирам,*
*Ҳар яке афтода аз шаҳре баҳам.*
*Форсиву туркиву руму араб,*
*Ҷумла бо ҳам дар низоу дар ғазаб.*
*Форсӣ гуфто: «Аз ин чун ворахем?...,*
*Ҳам биё, к-инро ба ангуре диҳем».*
*Он араб гуфто: «Маъозаллоҳ, ло!*
*Ман «инаб» хоҳам, на «ангур», эй даға!».*
*Он яке, к-аз турк буд, гуфт: «Эй кӯзим,*
*Ман намехоҳам «инаб», хоҳам «узум».*
*Он, ки румӣ буд, гуфт: «Ин кийлро,*
*Тарк кун, хоҳам ман «истофийл»-ро».*
*Дар танозуъ мушт бар ҳам мезаданд,*
*Ки зи сирри номҳо ғофил буданд.*
*Мушт бар ҳам мезаданд аз аблаҳӣ,*
*Пур буданд аз ҷаҳлу аз дониш тиҳӣ...*

Сипас Мавлоно мефармояд: «Агар донандаи асрори ин чаҳор ном дар байни онон мебуд, корашон ба сулҳу салоҳ меанҷомид, зеро мақсуди ҳар чаҳор нафар якест ва он ҳамон «ангур» аст, ки дар ҳар забоне ба сурати дигар ном бурда мешавад. Он донандаи асрори номҳо ба як дирам орзуи ҳар чаҳори онҳоро баровarda месохт. Эй мағзи вуҷуд, медон, ки ихтилофи муъмину габру яҳуд аз назаргоҳ сурат аст, на аз сират, сийрат, ҳақиқат якест, вале ба лаҳнҳои мухталиф талаффуз мешавад. Ҳар набию валиро низ маслаку роҳу равиши худ аст, вале чун ҳама аз роҳҳои мухталиф, ба як сӯ (ба сӯи Ҳақ) равонаанд, метавон гуфт ҳаммаслаку ҳамкешанд. Чунки «мамдуҳ» яъне оне, ки мо ӯро меситоем (Худо), яке бештар нест, з-ин рӯ тамоми динҳо, ба ҷуз як дин, беш нестанд, зеро ки ҳадафи воҳид – расидан ба ҳақиқатро доранд.

*Соҳиби сирре, азизе садзабон,*
*Гар будӣ он ҷо, бидодӣ сулҳашон.*
*Пас бигуфтӣ ӯ, ки ман з-ин як дирам,*
*Орзӯи ҷумлатонро мехарам.*
*Ихтилофи муъмину габру яҳуд,*
*Аз назаргоҳ аст, эй мағзи вуҷуд.*
*Ҳар набию ҳар валиро маслакест,*
*Чунки бо Ҳақ мебарад – ҷумла якест!*
*Чунки худ «Мамдуҳ» ҷуз як беш нест,*
*Кешҳо, з-ин рӯй, ҷуз як кеш нест!*

## Достони шатранҷбозии Далқак бо Шоҳ

Рӯзе шоҳ, ки табъаш басо болида буд, Далқак – надими худро ба наздаш хонд ва бо ӯ ба шатранҷбозӣ пардохт. Чун Шоҳ бозиро бохт (яъне мот шуд) ба ғазаб омада, тахтаи шатранҷро бар сари Далқак зад, донаҳои шатранҷ сару рӯйи Далқаки бечораро сурху кабуд карданд. Далқак сабр карду аз Худованд амон талабид:

*Шоҳ бо Далқак ҳаме шатранҷ бохт,*
*Мот кардаш зуд, чашми Шаҳ битохт.*
*Ки бигир, инак Шаҳат, эй қалтабон,*
*Сабр карду гуфт Далқак «ал-амон!».*

Шоҳ бо ин қаноат накарда ба Далқак фармуд, ки биё, дасти дигар (бори дигар) бозӣ кунем.

Аз ин дастури Шоҳ Далқак мисли он ки замҳарираш (шиддати сармояш) зада бошад, меларзид. Ночор розӣ шуд ва ин дафъа низ Шоҳро бурид.

Вақте ки замони «шоҳ, шоҳ!» (шаҳ, шаҳ) – гуфтан фаро расид («шаҳ-шаҳ!», ё «шаҳшаҳ!» ба қавли имрӯза иборaест, ки бад-он ҳангоми бозии шатранҷ ҳарифро аз мот шудан хабар кунад), Далқак аз ҷояш як қад барҷаҳид ва ба кунҷи хона шитофту аз тарси он ки Шоҳ бо «шаҳ-шаҳ!» гуфтан бори дуввум ӯро мезанад, аз тарс шаш намад бар рӯйи худ афканд ва зери болишҳову намадҳо пинҳон шуд, то аз хашми Шоҳ бираҳад:

*Дасти дигар бохтан фармуд Мир,*
*Ӯ чунон ларзон будӣ, ки замҳарир.*
*Бохт дасти дигару Шаҳ мот шуд,*
*Вақти «шаҳ-шаҳ!» гуфтану мийқот шуд.*
*Барҷаҳид он Далқаку дар кунҷ рафт.*
*Шаш намад бар худ фиканд аз биму тафт.*
*Зери болишҳову зери шаш намад,*
*Хуфт пинҳон, то зи хашми Шаҳ раҳад.*

Шоҳ аз ин фирору пинҳон шудани Далқак дар зери болишу намадҳо мутаҳаййир гашта пурсид: «Ҳей, ҳей, ин чӣ корест, ки ту мекунӣ?»

Далқак аз зери болишу намадҳо сар бароварда тарсону ларзон гуфт: «Шаҳ, шаҳ, шаҳ, эй шоҳи гузин (баргузида)! Магар бо чун ту шоҳи хашмоваре метавон ҳақиқатро, ҷуз дар зери лиҳоф (болопӯши хоб), гуфт?... Сиҷофи оташини ту (сиҷоф – порчаи дарозе ё навори борике, ки бар ҳошияи либос дӯзанд, «оташсиҷоф» киноя аз одами бисёр хашмгин аст) худ рамзи хашму ғазаб аст».

Шоҳ аз ин посухи Далқак хандид ва ӯро афв карду инъом дод:

*Гуфт Шаҳ: «Ҳай-ҳай чӣ кардӣ? Чист ин?»,*
*Гуфт: «Шаҳ-шаҳ-шоҳ!» Эй Шоҳи гузин!*
*Кай тавон ҳақ гуфт, ҷуз зери лиҳоф,*
*Бо чу ту хашмовари оташсиҷоф!...».*

**(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Баргардониши
**Файз МАҲМУД.**




## Аз ҳаёти ҳунарпешагон

### Телефон

Яке аз фарзандони ҳунарпешаи номӣ Воҳид Қодиров, ки чун «Бойота» байни халқ машҳур аст, ба институт дохил шуда наметавонист. Мегуфтанд: «Муаллимони донишкада – шогирдҳои худатон. Телефон кунед!»

Хуб мегуфт Воҳидака ва ба шиносҳо занг мезад. Вале боз аз санчишҳо «меафтид» писари ӯ.

Вай дар гуфтугӯи телефонӣ бо аъзои комиссияи қабул чӣ мегуфт?

Мегуфт: «Агар писарам дониш ва маҳорати актёрӣ дошта бошад, баҳои хуб гузоред ва бигзор ба институт қабул шавад. Агар не, ҳеҷ вақт ба шиносбозӣ роҳ нагузоред!»

Писар дид, ки намешавад, аз кӯмаки падар умедашро канда, ҳарҷониба омодагӣ дид ва соли чаҳорум, ниҳоят, донишҷӯ гардид.

### Шӯхии ректор

Артисти хидматнишондодаи ҷумҳурӣ Ғайбулло Ҳоҷиев (Худо раҳмат кунад) асное имтиҳони дохилшавӣ месупурд, ректори ҳамонвақтаи Институти санъат, профессор Ҳамид Абдуллоев даромада омад. Ба саволҳо чӣ тавр пухтаву бурро ҷавобдиҳии абитуриентро шунид ва ба гӯши М. Абдуллоева, ки он вақт котиба шуда кор мекард, мамнун пичиррос зад:

– Ниҳоят, муносибаш низ омадааст.

Баъд Ғ. Ҳоҷиев «Модарҷон» ном достони Д. Файзиро ифоданок хонда дод.

– Йигитча, ту аз куҷо? – пурсид ректор.

– Аз Бухоро.

– Э, Бухороро шарманда кардӣ. Ба имтиҳон ҳам бо ҳамин хел тайёрӣ меоянд?

Ғайбуллоака ҷобаҷо шах шуд. «Тамом, афтидам», фикр кард дунё ба назараш торик тофта.

– Хуб, бармегардам ба Бухоро, – гуфт вай бо алами ошкоро ва сӯи дар равон гашт. Мехост рост ба аэропорт равад ва ҷониби зодгоҳ парад.

Аз пасаш Мунаввара Абдуллоева давида баромад:

– Ғайбуллоҷон, ист. Ректор ҳазл карданд. Вақте бисёр мамнунанд, одатан, ҳазл мекунанд. Баҳои ту аъло!

### Шогирдон не, устодон

Ноябри соли 1976 як гурӯҳ хатмкунандагони Институти санъат дар шаҳрҳои Маскав, Санк-Петербург ва Рига шуда, спектаклҳо тамошо карданд, бо актёру коргардонҳои маъруф вохӯриҳо гузаронда, маҳорат такмил доданд. Хусусан, дарси маҳорати саррежиссёри ҳамонвақтаи театри калони академии Санк-Петербург ба номи Горкий, қаҳрамони меҳнат Г. А. Товстоногов ба донишҷӯёни ӯзбекистонӣ таассуроти калон гузошт. Аснои сӯҳбат яке аз донишҷӯён:

Георгий Александрович, дар бораи шогирдонатон ҳам нақл мекардед, – гуфт.

– Шогирдонам... – гӯён фикр карда монд саррежиссёр. Баъд давом намуд: – Фалон-фалониҳо шогирдони ман гуфтанам ноқулай. Хубаш, агар хоҳед, дар бораи устодонам нақл кунам. Ин барои ман хеле мароқнок.

### Роҳбари заводи консерв

Яке аз хатмкардагони Институти санъат, Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Эркин Комилов вақте дар мактаби зодгоҳаш Кӯфа (воқеъ дар ноҳияи Хӯҷаободи вилояти Андиҷон) мехонд, ҳанӯз хабар надошт, ки ин гуна институт дар пойтахт мавҷуд. Ба адабиёт ва ҳунар, ки шавқи баланд дошт, бо нияти ба консерватория дохил шудан ба Тошканд омад. Чун диданд, ки ба актёрӣ иштиёқ дорад, маслиҳат доданд, ба институти санъат ҳуҷҷат супорад. Имтиҳоноти қабулро бомуваффақият супурд ва донишҷӯ шуд. Вале чун ба деҳа баргашт, гуфт, ки ба консерватория дохил шудам. Чаҳор сол дар ин институт хонду падараш хаёл дошт вай донишҷӯи консерватория. Мӯйсафед ба ҳамдеҳаҳо бо фахр мегуфт:

– Эркинбой ба заводи консерв роҳбар шуда бармегардад.

## Шакарханди адибон

### Хандаи беғубор

Адибони ӯзбек дафъае, ки ба Самарқанд рафтанд ва мехостанд устодро зиёрат кунанд, Ғафур Ғулом ба ҳамроҳони ҷавонаш гуфт:

– Ду шиша коняк ёбед. Панҷ-шаш лимон ҳам аз ёд набароред.

Лимон ёфт шуд-куя, конякковӣ хеле давом кард. Ниҳоят аз ресторан ёфтанд.

Устод дар хонааш будааст. Чун ҳамешагӣ онҳоро самимона истиқбол кард. Вақте гирди дастархон нишастанд, Ғафур Ғулом гуфт:

– Устод, аз кам-кам коняк нӯшиатон бохабарам. Дар аэропорти Тошканд додарҳои лётчикам бисёр. Ба зиёрати домулло рафтаниам, кадоме аз шумо ба Қафқоз парвоз кунад, аз он ҷо ду коняк ва панҷ-шаш лимӯ оварданро фаромӯш нанамоед, гуфта таъин карда будам, дирӯз ба хона партофта рафтаанд. Ду дона лимӯро бачаҳо хӯрда мондаанд, мебахшед.

Бузургвор диле дошт ҳассос: чашмҳои пиронааш нам шуданд аз ин тавр меҳрубонӣ.

Дили чун қалби кӯдак соф, ки дошт, бовар кард, миннатдорӣ изҳор намуд:

– Барака ёбед, Мулло Абдуғафур. Лимӯ хеле меваи шифоӣ. Хусусан, лимӯи Қафқоз!

Ман ин лимӯҳоро ба дигарон надодаву эҳтиёт карда мехӯрам, мазоргузашта – табаррук!

Чун устод берун баромад, нафаре норозиёна гуфт:

– Домуллоро фиребидед-а?

Ғ. Ғулом бепарво даҳон кушод: – Ягон нафарро хурсанд карда тавонад, дурӯғ ҳам чизи нағз шуда метавонад. Дидӣ, устод чӣ тавр мамнун гаштанд. Ҳозир чилчӯб оварда, ба мо нишолло тайёр карда медиҳанд.

### Дӯсти Устод Айнӣ

Устод Айнӣ дар манзили худ ба адибони ӯзбек, ки меҳмонаш буданд, китобҳояшро бо дастхат тӯҳфа намуд. Ба китобе, ки ба Саид Аҳмади он вақт хеле ҷавон тақдим намуд, навишт: «Ба рафиқ Саид Аҳмад – хотираи дӯстона. Айнӣ 4.II.47»

– О, ин бача-ку, чӣ тавр «дӯст?» – хандид Ғафур Ғулом.

–Чӣ, бача дӯст намешавад? – гуфт устод Айнӣ.

Баъде ба Тошканд баргаштанд, Ғафур Ғулом ба ҳар адибе, ки дучор омад, Саид Аҳмадро нишон дода бо табассум мегуфт:

– Дигар бача нагӯед Саидро. Вай акнун одами майда не, дӯсти домулло Айнӣ аст!

**Ш. МУҲАММАД.**

## Бузургон дар бораи дӯстӣ

Ҳамаи эҳтироми дунё ҷойи як дӯсти содиқро гирифтан наметавонад.

**Ф. Волтер**

***

Дӯсти ҳақиқӣ ҳамонест, ки туро ба баландиҳо мебарорад.

***

Дӯст инсонест, ки ман бо ӯ самимӣ будан ва дар наздаш фикрҳоямро озод баён кардан метавонам.

**Р. Эмерсон**

***

Дарде гаронтар аз гум кардани дӯсте, ки ту ба ӯ бовар дорӣ, вуҷуд надорад.

**Р. Стивенсон**

***

Дӯстӣ яке аз хушбахтиҳои бемисли ҳаёт мебошад, хушбахтии дигараш вуҷуд доштани одамест, ки ту асроратро ба ӯ бовар кунӣ.

**А. Мандзони**

***

Дар дӯстии ҳақиқӣ ҷозибае пинҳон аст, ки онро одамони сабукмағз фаҳмидан наметавонанд.

**Ҷ. Лабрюйер**

Тарҷума ва таҳияи **Фариштаи ҒОЙИБНАЗАР.**

## Оқил бояд чӣ гуна бошад?

*Ҳар киро ақл асту дониш, эй азиз,*
*Дур бояд буданаш аз чор чиз.*
*Кори худ бо носазо накнад раҳо,*
*Мард менакнад ба ҷойи носазо.*
*Ақл дорӣ, майли бадкорӣ макун,*
*З-ин чу бигзаштӣ, сабуксорӣ макун.*
*Ҳар киро аз ҳилм дил равшан бувад,*
*Дар замона бо салоҳи тан бувад.*
*То шавӣ пеш аз ҳама дар рӯзгор,*
*Даст бар нону намак бикшода дор.*
*То ту бошӣ дар замона додгар,*
*Зердастонро накӯ дорӣ асар.*
*Ҳар кӣ ӯ аз ҳирс дунёдор шуд,*
*Бегумон, аз вай Худо безор шуд.*
*Баҳри зар мастой дунёдорро,*
*То чӣ хоҳӣ кардан ин мурдорро.*
*Мурдагонанд ағниёи рӯзгор,*
*Эй писар, бо мурдагон суҳбат мадор.*

***Аз "Панднома"-и Шайх АТТОР.***

## Фарғона шаҳри аҳолиаш маълумотнок

Аз шаҳри Ҳамбурги Олмон хушхабар расид, ки тибқи он ЮНЕСКО шаҳри Фарғонаро ба феҳрасти яке аз шаҳрҳои аҳолиаш маърифатноки дунё ворид кардааст. Ин шаҳри ягона дар Ӯзбекистон мебошад, ки ба чунин мақоми баланди ЮНЕСКО ноил шудааст. Дар ин бора дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят хабар додааст.

ЮНЕСКО ба ин зумраи шаҳрҳои аҳолиаш маърифатнок аз 26 кишвари дунё 54 аъзои навро дар худ пазируфтааст. Шаҳрҳое, ки ба ин феҳраст ворид карда шудаанд, имконпазирии ривоҷи таълими муттасилро дар сатҳи маҳаллӣ намоиш додаанд.

Ин шаҳрҳо собит намудаанд, ки сиёсат ва амалияҳои таъсирбахши таълим метавонанд рушди шаҳрҳои фарогир, беҳавф, босифат ва устуворро дастгирӣ кунанд ва дар барномаи соли 2030-и ташкилот ҳиссаи худро гузоранд. Аъзои нав шумораи умумии шаҳрҳои бомаърифати ЮНЕСКО-ро дар 64 давлат ба 230 адад афзоиш медиҳанд.

Файзулло **ИБРОҲИМОВ,**
мухбири ҷамоатии "Овози тоҷик".

*Вилояти ФАРҒОНА.*

## Ҳикмати рӯз

Мероси бузург пурарзиштар аз ростӣ ва дурустӣ нест.

***

Ба аъмоле, ки пас аз маргат бароят фоида мерасонад, бикӯш.

***

Андешаҳо ба сӯйи умед мечарханд.

***

Умри ҷавонатро ғанимат дон, чун медонӣ ҷовидон нестӣ.

***

Пайваста дар кори хайр бикӯш ва гуноҳи дӯсти худ дидӣ, бипӯш.

***

Аз нодон бипарҳез, зеро дар рӯзи сахтӣ бароят зиён хоҳад овард.

***

Бузургонро қадр кун, аз онҳо боло магузар, ту худ андеша кун ва аз онҳо баҳра бубар.

***

Касе, ки хирад надорад, ҳамвора аз кардаҳои худ пушаймон ва дар ранҷ аст.

***

Ин, ки ташна бимирам, беҳтар аз он аст, ки ваъдаамро хилоф кунам.

***

Тафовути инсонҳо дар доштан ва надоштани истеъдод нест, балки дар чигунагии истифода аз он аст.

***

Қурбоққа, ки ба арши тиллоӣ гузошта шавад, боз ба ҳамон кӯлмак мепарад.

***

Одатҳои писандида зеварҳои тоза ва нав ҳастанд, ки куҳна намешаванд, фикр ойнаи пок ва соф аст.

***

Сахтиҳои бузург ба одамӣ нерӯи дучандон мебахшад.

***

Дониш арзиши онро дорад, ки ранҷҳо бикашӣ.

***

Он қадар ташвиқ кунед, ки ташвиқ нашудан танбеҳ бошад.

***

Мардумро дар ғайб ҳамон гӯй, ки дар пеши рӯй тавонӣ гуфт.

***

Агар ҳама метавонистанд аз истеъдоди худ дуруст баҳра бигиранд, дунё ҳамон биҳишти мавъуд мешуд, ки ҳама мехоҳанд.

***

Аз иштибоҳоти худ шарманда нашавед ва онро ҷурм надонед.

***

Шикаст беш аз муваффақият омӯзанда аст, касе, ки ҳеҷ гоҳ иштибоҳ намекунад, ҳаргиз ба ҷое намерасад.

**Таҳияи ВОРИС.**

## ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

*Эй Ҳофизи Шерозӣ,*
*Ту кошифи ҳар розӣ.*



Пӯшида нест, ки ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо бахшида ба рӯҳи «Лисон-ул-ғайб» Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазали интихобкардааш мезанад ва бинобар он розҷӯӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Сурӯши олам» задем ва онро ҳамроҳ бо шарҳи фолаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.

### Сурӯши олам

*Биё, ки қасри амал сахт сустбунёд аст,*
*Биёр бода, ки бунёди умр бар бод аст.*
*Ғуломи ҳиммати онам, ки зери чархи кабуд*
*Зи ҳар чӣ ранги тааллуқ пазирад, озод аст.*
*Чӣ гӯямат, ки ба майхона дӯш масту хароб*
*Сурӯши олами ғайбам чӣ муждаҳо додаст.*
*Насиҳате кунамат, ёд гиру дар амал ор,*
*Ки ин ҳадис зи пири тариқатам ёд аст.*
*Ризо ба дода бидеҳ в-аз ҷабин гиреҳ бикушой,*
*Ки бар ману ту дари ихтиёр накшодаст.*
*Маҷӯ дурустии аҳд аз ҷаҳони сустниҳод,*
*Ки ин аҷуза арӯси ҳазор домод аст.*
*Нишони аҳду вафо нест дар табассуми гул,*
*Бинол, булбули бедил, ки ҷойи фарёд аст.*
*Ҳасад чӣ мебарӣ, эй сустназм, бар Ҳофиз,*
*Қабули хотиру лутфи сухан Худодод аст.*

Орзупарварӣ дар дунёи фонӣ бемаъност. Дар банди завоҳир (ҷамъи зоҳир) набояд буд ва баландназариву сафо додани рӯҳ ва дарун, туро шоистаи мақомҳои бартар мекунад, ки қаноатварзӣ ва таслими тақдир шудан аз мароҳили муҳими он аст.

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**



*Ҷашнвораи солонаи каду дар шаҳри Мехернихи Олмон оғоз ёфт. Барномаи ҷашнвора намоиши санъати каду ва ярмаркаҳои фурӯшро дар бар мегирад.*

# АФСОНАНАВИСИ РАҚАМИ ЯК

Ҳар халқ, ки соҳиби тамаддун ва арзишҳост, афсонаҳо дорад. Чи қадар ширин, гуворо, ҳаяҷонбахш будани афсонаҳои халқи тоҷик низ ба касе сир нест. Адибони афсонапардоз низ ҳастанд, ки қалби хонанда ё шунавандаро чун санъатвари баҳунар тасхир месозанд.

Дар адабиёти ҷаҳонӣ Ханс Кристиан Андерсен жанри афсонаро ба дараҷаҳои баланд баровард. Бахт ва шаъну шуҳрате, ки ба ин афсонанавис даст дод, ба ҳар кас ҳам насиб намекунад.

Бале, ҳамчун адибе, ки дар тамоми дунё асарҳояш нашр мешаванд, вай хушбахт буд. Вале ҳаёти шахсиаш чи тавр гузашт? Инсоне буд бас кушодадил, хушсуҳбату самимӣ. Чун мусиқии маҳину дилкаш, мегӯянд, ҳар садои нармаш нозуктарин торҳои дилро ба ларзиш меовард. Гӯё сеҳр шуда бошанд, бачаҳову наврасон бо даҳони воз ба рӯяш нигариста, хаёлан дар олами мӯъҷизаомези романтика ва хаёлоти рангин сайр мекарданд.

Зимнан, баробари кӯдакон Андерсенро калонсолон низ дӯст дошта, ҳамсуҳбатиаш орзу менамуданд.

Вохӯрӣ бо ӯ гӯё воқеаи муҳим ҳисоб мееёфт дар ҳаёташон. Аз қитъаҳои гуногун дӯстдорони адабиёт хоҳиш мекарданд, Андерсен ба диёри онҳо ояд, вохӯриҳо гузаронад. «Мо ба дидори шумо муштоқ», – нома мефиристоданд онҳо.

Илтимосҳо рад намешуданд. То имкон ҳаст адиб ба ҷойҳои таклифшуда мерафт, мулоқотҳои эҷодӣ мегузаронд. Адиби ҷаҳонгашта дар давоми сафарҳояш бо Ҳенрих Ҳейне, Александр Дюма, Виктор Гюго барин бузургворони олами адаб вохӯрд, дӯст шуд. Шабҳои туманолуди Лондонро бо нависандаи номии англис Чарлз Диккенс сайр кард. Оҳангсозони барҷастаи Аврупо Вагнер, Шуман, Россини, Лист ва дигарон аз асарҳои худ барояш намунаҳо иҷро сохтанд.

Оноре-де-Балзак ӯро меҳмон намуд, раққосаи афсонавӣ Рашел низ ӯро самимона пазируфт. Ҳамин давр, Андерсен як қатор кишварҳои Европа, Осиё ва Африкаро давр зада баромад. Ташрифи ӯ миллионҳо дӯстдорони адабиётро таассуроти нек бахшид.

Вале он гуна, ки мегӯянд, азоби роҳ – азоби гӯр. Бо вуҷуди ҳамин ба ҳар гуна душвориҳои сафар дар шароити асри XIX тоқат намуд. Чун як даҳон сухани хуш шунид, тамоми ранҷ ва кӯфтагиҳо фаромӯш месохт.

Аснои яке аз сафарҳо дар сарзамини Италиё воқеаи аҷиб рӯй дод. Шабҳангом ба аробае савор шуд, ки ба он як гурӯҳ камбағалдухтарон нишаста буданд. Аробакаш бо мақсади сарфаи пилтаву сӯзишворӣ фонусро хомӯш кард.

Аробанишастагон якдигарро намедиданд, роҳи дарозро бо ҳазлу шӯхӣ давом медоданд. Андерсен ба суҳбат ҳамроҳ гашт, камбағалдухтарони дар остонаи балоғат ва қадрасро шумо «хонумҳо», «фариштаҳо», «зебоҳо», гӯён ба осмони ҳафтум бардошт. Ҳаётиояндаи ҳар кадоми онҳоро ба таври худ башорат намуд. Бахт дар пеш, ба ҳар яки шумо, гулдухтарон, ҳаёти саодатнишон насиб карда, бо шоҳзодаҳои худ ба манзили мурод мерасед, гуфт вай бо меҳру самимияти баланд. Духтарон аз суханони пурҳарорати Андерсен об шуданд, масту маҳмур гаштанд.

Асное ба манзил расиданд, шавқ ва эҳсоси пурхурӯш пинҳон дошта натавониста, адибро як-як ба оғӯш кашиданд, аз рӯяш бӯсида, барояш миннатдориҳо изҳор сохта, аз ароба фуромаданд. Хайрухӯши самимонаи онҳо як умр дар хотираш нақш баст. Баъдан чун он воқеаи масаррратбахшро ба ёд овард, ашк дар дидааш чарх мезад.

Бонувон ва Андерсен...

Бӯсидан он сӯ, то он вақт зан ё духтаре ба вай наздик нашуда буд.

Хайрият ҳам торик буд, ба «ҳусн»-и вай духтаре эътибор нанигаронд. Агар рӯи ӯро медид...

Ба аҳволи танг афтоданҳо дар ҳаёташ бисёр рӯй додааст. Аз ҷавонӣ «безебии» худ ҳис мекард ва ботинан азоб мекашид. Чун лайлак қаддароз ва лоғар, манаҳдароз ва биникаҷ... Ҳанӯз дар бачагиаш масхара мекарданд. Дар он гуна лаҳзаҳо вай худро ба саги дайду қиёс мекард, ки ҳама ҷонибаш санг ҳаво медиҳанд.

Ба иншои қиссаҳои ғамангез шурӯъ кард. Ҳаёт ба чашмаш чун афсонаи маҳзун ҷилва менамуд. Дар афсонабофӣ бошад нафаре ба вай баробар шуда наметавонист. Маликаи барфин буд яке аз персонажҳояш, ки қалбаш яхбаста, бисёр бешафқат аст. Ва боз Дюмовочкаи ҳамчун гул нозуку нафис, Парии обӣ, Гердаи мағрур, Кейи сиёҳбахт ва ғайраҳо. Мегӯянд, хеле ширин буданд меваҳои тар ва тозаи олами тасаввуроти Андерсен, айни замон таҳайюлоти бадеиаш басо ғамангез.

Мурғобичаи назарногире низ қаҳрамони яке аз афсонаҳои ӯст. Мехоҳад дар осмонҳо чун уқоб парвоз кунад сокини як кӯлча. Орзуҳояш баланд ва олӣ, вале дастнорас. Чун дархостҳои дили Андерсен, ки афсонаҳояшро дӯст доранд ҳам, ба вай наздик шудан намехоҳанд.

Дар ҷавонӣ духтареро дӯст дошт, вале ӯ бойбачаеро маъқул шумурд. Баъд ба хонуме ошиқ шуд. Вале ин дафъа низ муҳаббаташ яктарафа. Дар миёнсолӣ ба Йенни ном овозхони машҳур, ки «булбули швед» мегуфтанд, дил баст. Табиист, ки Йенни ҳатто нимнигоҳ наафканд. Ба ғусса печид Андерсен.

Чун адиб вай бахтнок буд, гуфтем дар оғози сухан. Вале мешуд, ки аз бебарории баъзе асарҳояш хуни дил хӯрад. Масалан, «Роҳзанҳои Виссенберг», «Оҳангсози танҳо», «Хаёлпараст» барин романҳояш чандон шуҳрат наёфтанд. Аммо рӯҳафтода намешуд. Менавишт ва менавишт.

Мегуфт: «Мебинед, ман рӯзе нависандаи рақами яки Дания мешавам».

Воқеан ҳамин тавр гардид. Ҳатто афсонатирози рақами аввал дар адабиёти дунё эътироф гашт. Ҳанӯз асное, ки ҳаёт буд, ба қаҳрамони афсонаҳо, ба «афсонаи зинда» табдил ёфт. Баробари худаш ба якчанд қаҳрамонҳояш, аз қабили Парии обӣ, Маликаи барфин, Клаусҳои хурд ва калон ҳайкал гузоштанд.

Ба афсонаҳояш танҳо хурдсолон не, калонсолон низ таваҷҷӯҳ мекарданд ва мекунанд. Баъди яке аз тантанаҳои бузург дар доираи ҳукуматӣ, ки ба фаъолияти ин нависандаи бузург бахшида шуда буд, адабиёти Дания талафоти калон дид. Шаби 4 августи соли 1875 Андерсен аз ҷашни худ сармаст ба хонааш баргашт. Ба болин сар ниҳоду хобаш бурд. Дигар барнахест.

**М. МАҲМУДҶОНОВ.**

Аҳли «Овози тоҷик» ба муҳаррири шуъбаи маданияти рӯзнома Тӯхтамиш Тӯхтаев (Паймон) нисбати вафоти апааш

**УМИЯ**

ҳамдардӣ баён мекунад.

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-1035. Адади нашр 638, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 20.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.